ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ

СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ИХТИСОС

Аз рӯи самти	**79 01 «Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият ва ташкили тандурустӣ»**
Ихтисоси	**1 – 79 01 03 «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа»**
Касб:	**духтур гигиенист, вогиршинос**
Дараҷа:	**мутахассис**
Муҳлати таҳсил:	**6 сол**
Шакли таҳсил:	**рӯзона**

ДУШАНБЕ – 2018

ҚАРОРИ
МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«_25_» _08_ соли 2017 № 13/1-30 ш. Душанбе

Оид ба тасдики Стандарти давлатии таълимии самти 79 01 «Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият ва ташкилӣ тандурустӣ» ихтисоси 1-79 01 03 - «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа»

Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо тасдики Стандарти давлатии таълимии ихтисоси 1-79 01 03 - «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа» баррасӣ намуда,

қарор мекунад:

1. Стандарти давлатии таълимии ихтисоси 1-79 01 03 - «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа» тасдик карда шавад (замима мегардад).

2. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дахлдор вазифадор карда шаванд:

2.1. Дар асоси Стандарти давлатии таълимии ихтисоси мазкур нақшаи таълимии ихтисоси 1-79 01 03 - «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа»-ро дар мувофика бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илм таҳия намуда, барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

2.2. Раванди таълимро тибки талаботи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 03 - «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа» ба роҳ монанд.

3. Ба Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ш. Ёрмуҳаммадзода) супорид дода шавад, ки стандарти мазкурро ба миқдори 50 нусха чоп намуда, дастраси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ гардонад.

4. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) вазифадор карда шавад, ки иҷрои қарори мазкурро таъмин намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Одиназода вогузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир **Нуриддин Санд**

1. ДОИРАИ АМАЛ

1.1. Стандарти давлатии таълимии ихтисос маҷмӯи талаботи ҳатмиро барои татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисоси омодагии **1-79 01 03 - «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа»** дар бар мегирад.

1.2. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи Иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ, ки аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дода шудааст, ҳуқуқ дорад.

2. ИХТИСОРОТИ ИСТИФОДАШАВАНДА

ТОК- таҳсилоти олии касбӣ;
БТТОК - барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ;
СУФ - салоҳияти умумифарҳангӣ;
СУК - салоҳияти умумикасбӣ;
СК- салоҳияти касбӣ;
БФГ - бахши фанҳои гуманитарӣ;
БФТРИ - бахши фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ;
БФУ - бахши фанҳои умумикасбӣ;
БФТ - бахши фанҳои тахассусӣ;
БКҒА – бахши корҳои ғайриаудиторӣ;
СДТОК - стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ.

3. ТАВСИФОТИ РАВИЯИ ОМОДАГӢ

Муҳлати меъёрии умумӣ меҳнатталабии азхудкунии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ (дар воҳиди санҷишӣ) ва тахассус (дараҷа)-и мутобиққунанда дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.

Барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ	Тахассус (дараҷа)		Муҳлати меъёрии азхудкунии барнома	Ҳаҷми меҳнатталабӣ	
	Рамз	Дараҷаи академӣ		кредит	соат
Мутахассис	1-79 01 03	Мутахассис	6 сол	420	10080

Як кредит 24 соат муқаррар карда мешавад. Ҳаҷми меҳнатталабии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шакли таълими рӯзона дар як соли таҳсил баробари 70 кредит мебошад.

Баъд аз худ намудани нақшаву барномаҳои таълимӣ ва гузаштани аттестатсияи хатм ба хатмкунандагон диплом оид ба маълумоти олии тиббӣ аз рӯи ихтисоси «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа», тахассуси «Духтур гигиенист, вогиршинос» дода мешавад.

Хатмкунандае, ки таҳсилро аз рӯи ихтисоси 1-79 01 03 «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа» ба анҷом расонидааст, таҳсилро дар магистратура ё аспирантура аз рӯи ихтисоси интихобкарда идома медиҳад ва метавонад дар муассисаҳои давлатии санитарию-эпидемиологӣ кор кунад.

4. ТАВСИФОТИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ

4.1. Соҳаи фаъолияти касбии хатмкунанда:

муассисаҳои санитарӣ – эпидемиологиро дар бар мегирад.

4.2. Шахсони фаъолияти касбии хатмкунандагон аз рӯи ихтисоси «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа» инҳо мебошанд:

- аҳолӣ;
- муҳити зисти одам;
- шахсони физикӣ ва ҳуқуқӣ;

4.3. Хатмкунанда аз рӯи ихтисоси «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа» бояд ба чунин намуди фаъолияти касбӣ омода бошад;

- тиббӣ;
- ташкилӣ- идоракунӣ;
- илмӣ- тадқиқотӣ.

Намудҳои мушаххаси фаъолияти касбиро, ки хатмкунанда ба он омода мегардад, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ якҷоя бо донишҷӯён, ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва иттиҳодияҳои корфармоён муайян менамоянд.

4.4. Хатмкунандаи ихтисоси «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа» мутобиқи намудҳои фаъолияти касбӣ бояд чунин масъалаҳои касбиро ҳал кунад:

фаъолияти тиббӣ:

- амалигардонии функсияҳои назоратии соҳаи беҳбудии санитарӣ-эпидемиологии аҳолӣ, аз ҷумла амалигардонии назорат дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон;
- гузарондани чорабиниҳои санитарӣ - зиддиэпидемикӣ (профилактикӣ)-и ба пешгирии бавуҷудоии бемориҳои сироятӣ ва бемориҳои зиёди ғайрисироятӣ (захролудшавӣ) ва бартараф кардани онҳо равонашуда;
- гузарондани чорабиниҳо оид ба бартараф кардан ё камтар кардани таъсири манфии омилҳои муҳити зист ба одам, аз ҷумла омилҳои марбути фаъолияти касбӣ;
- тарбияи гигиенӣ ва ташвиқоти тарзи ҳаёти дуруст;
- ташкили муоинаҳои ҳатмии тиббӣ, эмкунии профилактикӣ барои занҳои ҳомила, аз ҷумла моякӯбиҳо аз рӯи нишондодҳои эпидемикӣ;
- гузарондани чамъоварии таҳлили тиббӣ-омории маълумот оид ба ҳолати вазъияти санитарӣ-эпидемиологӣ, аз ҷумла дар қисми нишондиҳандаҳои саломатии аҳолии синну сӯли гуногун, ки ҳолати саломатии онҳоро тавсиф мекунанд;
- баҳодиҳӣ, таҳлил ва пешгӯии ҳолати саломатии аҳолӣ;
- баҳодиҳӣ, таҳлил ва пешгӯии ҳолати муҳити зисти одам;
- гузарондани тадқиқоти ташхисие, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи беҳбудии санитарӣ-эпидемиологии аҳолӣ пешбинӣ мекунанд;
- гузарондани тадқиқоти озмоишгоҳӣ ва асбобӣ бо мақсади таъмини беҳбудии санитарӣ–эпидемиологии аҳолӣ ва назорати таъмини беҳбудии санитарӣ – эпидемиологии аҳолӣ;

- гузарондани экспертизаҳо, аз ҷумла тафтишҳо, муоинаҳо, тадқиқот, озмоишҳо ва баҳодиҳиҳои тиббии риояи талаботи санитарӣ-эпидемиологӣ ва гигиенӣ;
- дар гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ташаккул додани мотиватсияи ба ҳифз ва мустаҳкамкунии саломатии аҳолӣ равонашуда;
- иштирок дар расондани ёрии тиббӣ ҳангоми вазъиятҳои фавқулодда, аз ҷумла иштирок дар эвакуатсияи тиббӣ;
- ба аҳолӣ омӯзонидани чорабиниҳои асосии гигиении хусусияти тандурустидошта, ки ба пешгирии бемориҳо ва мустаҳкамкунии саломатӣ мусоидат мекунанд;

фаъолияти ташкилӣ-идоракунӣ:

- ташкили меҳнати ҳайати кормандон дар ташкилоти тиббӣ ё қисмҳои он, баамалбарории фаъолияти худ бо мақсади таъминоти санитарӣ – эпидемиологӣ беҳбудии аҳолӣ ва амалишавии назорати ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;
- ҳуҷҷатгузорӣ барои таъминоти санитарӣ – эпидемиологии беҳбудии аҳолӣ, аз ҷумла амалишавии назорати ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;
- иштирок дар чорабиниҳо оид ба ҳифзи меҳнат, пешгирии бемориҳои касбӣ;
- риояи талаботи асосии бехатарии иттилоотӣ;

фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ:

- омӯзиши пайвастаи адабиёти даврии тиббӣ (касбӣ) ва тадқиқоти расмии омории соҳаи тиб;
- иштирок дар чорабиниҳои амалисозии омилҳои хатари ҷои зисти инсоният ва ба зарарнокии касбии ӯ вобастабуда;
- гузаронидани тадқиқоти илмӣ, тиббӣ - сотсиологӣ дар байни аҳолӣ, таҳлил ва нашри натиҷаҳои бадастомада.

5. ТАЛАБОТ БА НАТИҶАҲОИ АЗХУДКУНИИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ «ТАШКИЛИ ҲИФЗИ САЛОМАТИИ ҶОМЕА»

5.1. Дар натиҷаи азхудкунии барномаҳои тахассусӣ хатмкунандагон бояд салоҳияти умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва касбиро ҳосил намоянд.

5.2. Хатмкунанда бояд дорои салоҳиятҳои умумифарҳангии зерин бошад:

- таҳлили ҷаҳонбинӣ, проблемаҳои фалсафии аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсидошта, малакаи худтакмилдиҳӣ, омӯзиши доимӣ ;
- таҳлили чорабиниҳои сиёсӣ ва равандҳои муҳим, омода будан барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, азбар намудани мафҳумҳои асосӣ ва қонуниятҳои раванди таърихии ҷаҳонӣ, қонунҳое, ки муносибати эҳтиромона ва эҳтиёткорона ба ҳисобгирии мероси таърихиро тақозо менамоянд, баҳодиҳии сиёсати давлат, донистани истилоҳоти таърихию-тиббӣ;
- қобилияти таҳлили мантиқӣ, иштирок дар мубоҳисаҳо, ба роҳ мондани фаъолияти тарбиявӣ ва педагогӣ, муҳокимаҳо барои амал намудани фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ, ҳамкорӣ ва таҳаммул;

- донистани забони давлатӣ, забони русӣ, инчунин яке аз забонҳои хориҷӣ дар сатҳи муоширати харрӯза, малакаи хаттӣ ва шифоҳӣ;

- ба роҳ мондани фаъолияти худ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ қабул шудаанд, риояи коидаҳои этикаи касбӣ, конуну санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба маълумоти махфӣ, нигоҳ доштани сирри касбӣ.

Пас аз омӯзиши фанҳои гуманитарӣ таълимгиранда бояд

ДОНАД:

- тарзу усулҳои таҳлили мушкилоти фалсафӣ; шакл ва усулҳои дониши илмӣ ва эволютсияи онҳо;
- қонуниятҳои асосӣ ва равандҳои инкишофи таърихии ҷаҳонӣ; марҳилаҳои муҳимтарин дар таърихи Тоҷикистон, ҷой ва нақши Тоҷикистон дар таърихи инсоният ва дар ҷаҳони имрӯза;
- шахсиятҳои маъруфи соҳаи тандурустӣ ва тиб, муҳимтарин кашфиёти тиббӣ, таъсири гояҳои гуманистӣ ба тиб ;
- забони давлатӣ дар сатҳи баланди касбӣ;
- асосҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқии ҳифзи саломатии кӯдакон, занон ва калонсолон;
- меъёрҳои ахлоқию этикӣ, коидаҳо ва принсипҳои муоширати касбии табиб, ҳуқуқҳои патсиент ва табиб, ҳуҷҷатҳои асосии этикӣ, ассотсиатсия ва ташкилотҳои ватанию байналмилалии касбӣ;
- принсипҳои ахлоқии муносибатҳои "табиб-бемор», «табиб - падару модар ва хешу табор», «табиб-ҳамкор»; муҳиммияти махфӣ нигоҳ доштани сирри тиббӣ;
- принсипҳои деонтологияи табибӣ ва ахлоқи тиббӣ;
- нақши иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули шахсият ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ;
- принсипҳои тарзи ҳаёти солим.

ТАВОНАД:

- таҳлил ва баҳодиҳии вазъи иҷтимоӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти худ бо назардошти натиҷаҳои таҳлил;
- қабули санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии амалкунанда дар бораи меҳнат, махсусан барои занон ва кӯдакон пешбинишуда, қабули меъёрҳои кодекси меҳнат дар ҳолатҳои мушаххас;
- ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандии табибон ва беморони синну соли гуногун;
- ба роҳ мондани муносибати самимона бо ҳамкорон;
- маҳорати суханварӣ, баён кардани андешаҳои худ, иштирок дар мубоҳисаҳо ва мизҳои мудаввар;
- баён карда тавонистани андешаҳои худ, таҳлил ва тафаккури матнӣ, суханварӣ, далелнокии ахлоқию этикӣ принсипҳои деонтологияи табибӣ ва этикаи тиббӣ;
- донистани забони хориҷӣ.

Пас аз омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ таълимгиранда бояд

ДОНАД:

- асосҳои назариявии информатика, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ, таҳлил, тағйирдиҳӣ, паҳн кардани маълумот дар системаҳои ҷустуҷӯии тиббӣ ва биологӣ, истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва компютерӣ, дар соҳаи тиб ва тандурустӣ;
- қоидаҳои бехатарии техникӣ ва кор дар озмоишгоҳҳои физикӣ, кимиёвӣ ва биологӣ бо реактивҳо, асбобҳои дигар;
- хосиятҳои об ва маҳлулҳо;
- роҳҳои ифодаи консентратсияи моддаҳо дар маҳлулҳо, усулҳои тайёр намудани маҳлулҳо мувофиқи нишондод;
- намудҳои пайвастагиҳои кимиёвӣ;
- мувозинати электролитии организми инсон;
- сохтор ва хосиятҳои химиявии гурӯҳҳои асосии биологии пайвастагиҳои муҳим органикӣ;
- ҷанбаҳои геополитикӣ ва тақсимоти маъмурию- иҷтимоӣ ҳудудӣ дар кишвар;
- тавсифи захираҳои обӣ;
- намудҳои саноат, таърихи ташкили саноат ва хоҷагии деҳот.

ТАВОНАД:

- истифодаи мақсадноки адабиёти таълимӣ, илмӣ, илмӣ – оммавӣ, шабакаи интернетӣ;
- истифодаи таҷҳизоти физикӣ, кимиёвӣ ва биологӣ;
- маҳорати кор бо таҷҳизоти оптикӣ (заррабин, пурбин);
- гузаронидани таҳлили омории маълумоти экспериментали,
- таснифи кимиёвӣ дар асоси формулаҳои сохторӣ;
- заминаи дигаргунсозии маълумот: матнӣ, муҳаррири ҷадвалӣ, ҷустуҷӯ дар шабакаи интернетӣ.

5.3 Хатмкунанда бояд салоҳиятҳои умумикасбии (СУК) зеринро дошта бошад:

- ҳалли вазифаҳои фаъолияти касбӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, захираҳои библиографӣ ва бо назардошти талаботи асосии бехатарии иттилоотӣ;
- таҳлили таъсироти асосии ҷисмонӣ ва қонуниятҳое, ки дар организми инсон рух медиҳад;
- истифодаи асосҳои дониши иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбӣ;
- донистани асосҳои коргузорӣ ва таҳлили ҳуҷҷатгузории баҳисобгирӣ;
- донистан ва дар амалия истифода бурда тавонистани истилоҳоти соҳаи беҳдошт, мафҳуми асосӣ ва қоидаҳое, ки дар тибби беҳдошт истифода мешаванд;
- истифодаи мафҳумҳои асосии физикӣ-кимиёвӣ, риёзӣ ва табиӣ дар ҳалли масъалаҳои касбӣ;
- тавонистани амалисозии ҷанбаҳои ахлоқӣ ва деонтологии фаъолияти табибӣ ҳангоми муошират бо ҳамкорон ва дигар кормандони соҳаҳои тиб, патсиентон ва хешовандони онҳо.

Пас аз омӯзиши фанҳои умумикасбӣ таълимгиранда бояд

ДОНАД:

- истилоҳоти тиббӣ ва фармасевтӣ бо забони лотинӣ;

• усулҳои математикӣ барои ҳалли масъалаҳои зеҳнӣ ва истифодаи онҳо дар соҳаи тиб;

• қоидаҳои бехатарӣ ва кор дар озмоишгоҳҳои физикӣ, кимиёвӣ ва биологӣ, бо реактивҳо, асбобҳо ва ҳайвонҳо;

• қонунҳои асосии физика, зуҳуроти чисмонӣ, қонунгузорӣ ва равандҳои дар бадани инсон рухдиҳанда;

• равандҳои физикӣ-кимиёвӣ, ки дар организми зинда дар сатҳи молекулавӣ, ҳучайравӣ, бофтавӣ ба амал меоянд;

• хусусияти таъсири омилҳои физикӣ ба организм; асосҳои физикии коркарди таҷҳизоти тиббӣ;

• роҳҳои асосии мубодилаи моддаҳо карбогидратҳо, липидҳо, аминакислотаҳо, асосҳои пуринӣ ва пиримидӣ, нақши мембранаҳои ҳучайравӣ ва системаи нақлии онҳо дар мубодилаи моддаҳо;

• сохт ва вазифаҳои пайвастагиҳои муҳими кимиёвӣ (кислотаи нуклеин, сафедаҳои табиӣ, витаминҳои дар равған халшаванда);

• нақши мембранаҳои ҳучайравӣ ва системаи транспортии онҳо дар мубодилаи моддаҳо дар организм;

• қонуниятҳои умумии пайдоиш ва инкишофи ҳаёт; антропогенез ва онтогенези одам;

• қонуниятҳои ирсият ва тағйирпазирӣ дар инкишофи фардӣ ҳамчун асоси фаҳмиши патогенез ва этиологияи бемориҳои ирсӣ ва бемориҳои мултиомилӣ;

• қонуниятҳои асосии инкишоф ва фаъолияти ҳаётӣ дар асоси сохтори ташкили ҳучайра, бофта ва узвҳо;

• муҳиммияти гистофунксионалии элементҳои бофтаҳо, усулҳои таҳқиқи онҳо;

• сохт, топография ва инкишофи ҳучайраҳо, бофтаҳо, узвҳо ва системаи узвҳо дар ҳамбастагӣ бо вазифаҳои онҳо дар ҳолати нормалӣ ва патологӣ;

• хусусиятҳои чинсию синнусолии анатомӣ-физиологӣ ва фардии сохт ва инкишофи организм дар ҳолати нормалию патологӣ;

• системаи функсионалии организм, танзимкунӣ ва худтанзимкунӣ ҳангоми таъсирот бо равандҳои муҳити атроф дар ҳолати нормалӣ ва патологӣ;

• этиология, патогенез, морфогенез, патоморфози беморӣ дар кӯдакон, паврасон ва калонсолон, усули таснифи бемориҳо; дарки асосии мафҳуми нозологияи умумӣ;

• қонуниятҳои асосии инкишоф ва фаъолияти ҳаёти организм дар асоси ташкили ҳучайраҳо, бофтаҳо ва узвҳо;

• хусусиятҳои морфофункционалии элементҳои бофтаҳо ва усули таҳқиқи онҳо;

• индикатсия ва идентификатсияи бактерияҳо, вирусҳо ва дигар микробҳои патогенӣ;

• сохтор ва вазифаҳои тартиби масунияти одам, хусусиятҳои синнусолии механизми инкишоф ва коркарди усулҳои асосии иммунодиагностика, усулҳои бахогузории ҳолати масуният, нишондод барои истифодаи табобати масунӣ;

• муҳиммияти банакшагирӣ ва гузаронидани корҳои илмӣ -тадқиқотӣ;

• асосҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҳифзи саломатии аҳолӣ, ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ - техникӣ;

• принсипҳои асосии идоракунӣ ва ташаккули ёрии тиббӣ ба аҳолӣ;

• ташаккули назорати тиббӣ оиди вазъи саломатии аҳолӣ, масъалаҳои экспертизаи корношоямӣ ва ёрии тиббии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ;

• усули баҳисобгирии нишондиҳандаҳои омори тиббӣ; асосҳои истифодаи усули оморӣ дар тадқиқоти тиббӣ, истифодаи нишондиҳандаҳои оморӣ ҳангоми арзёбии ҳолати саломатии аҳолӣ ва фаъолияти муассисаҳои тиббӣ;

• ҷорӣ кардани ҳуҷҷатнигории хоси ҳисоботии тиббӣ дар муассисаҳои тиббӣ;

• ташаккули фаъолияти ҳаёти миёна ва хурди тиббӣ дар муассисаҳои табобатӣ;

• нишондиҳандаҳои саломатии аҳолӣ ва омилҳои ташаккулдиҳандаи саломатии инсон (экологӣ, касбӣ, табиӣ – иқлимӣ, эндемикӣ, иҷтимоӣ, эпидемиологӣ, рӯҳӣ – эҳсосӣ ва ирсӣ);

• бемориҳои марбути таъсири номатлуби омилҳои иқлимӣ ва иҷтимоӣ;

• ҷанбаҳои гигиении ғизо, гигиенаи муассисаҳои тиббӣ;

• муҳиммияти тибби профилактикӣ, ташкили тадбирҳои профилактикӣ, ки ба солимгардонии аҳолӣ равона шудаанд;

• тасниф ва тавсифи маводи доруворӣ, фармакодинамика ва фармакокинетика, нишондод ва зиддинишондод барои таъйиноти маводи доруворӣ;

• истифодаи маводи асосии зиддибактериалӣ, зиддивирусӣ ва биологӣ.

ТАВОНАД:

• истифодаи адабиёти таълимӣ, илмӣ, илмӣ-адабӣ, истифодаи шабакаи интернетӣ барои фаъолияти касбӣ;

• гузаронидани коркарди оддии омории маълумоти экспериментӣ;

• ташхиси барангезандаҳои бемориҳои паразитарии инсон дар препарат, слайд ва расмҳо;

• гузаронидани ташхиси микробиологӣ;

• маҳорати хондан ва навиштани истилоҳоти клиникӣ, фарматсевтӣ ва дорухат бо забони лотинӣ;

• банакшагирӣ ва арзёбии сифати ёрии тиббӣ, вазъи саломатии аҳолӣ ва таъсири омилҳои муҳити атроф ва муҳити истеҳсолот ба он.

5.4 Хатмкунанда бояд дорои салоҳиятнокии зерини касбиро дошта бошад :

фаъолияти тиббӣ:

- қобилияти омӯзиш ва баҳодиҳии омилҳои истиқоматии одам ва аксуламали организм ба таъсироти онҳо, натиҷаи тадқиқоти гигиенӣ;

- дарки усулҳои нави стратегӣ ва технологӣ дар илми бехдошт ва таҷрибаомӯзии санитарӣ бо арзёбии аксуламали организм ба омилҳои таъсирқунандаи муҳити зист;

- қобилияти истифодаи усулҳои муосири арзёбӣ ва ислоҳи шароити табиӣ, иҷтимоӣ ва дигар шароитҳои ҳаётӣ барои амалисозии чорабиниҳои санитарӣ – эпидемиологӣ ҷиҳати пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ ва амалисозии ҳифзи зиддиэпидемиологии аҳолӣ;

- қобилияти гузаронидани назорати санитарӣ-эпидемиологӣ доир ба бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ;

- қобилияти пешгӯйи кардани хатар барои саломатӣ, сабабҳое, ки метавонанд дар равандҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ, таҷҳизоти техникӣ ва муайян намудани тавсияҳои банақшагирифташуда, шинохт ва тавсифи пайдоиши омилҳои кимиёвӣ, физикӣ, биологӣ ва дигар омилҳои ба саломатии инсон зараррасон;

- иштирок дар муайян ва пешгиририи риоя ва вайронкуниҳои Конунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таъминнокии беҳдошти санитарӣ – эпидемиологии аҳолӣ бо мақсади ҳифзи саломатии аҳолӣ байни бошандагон ва ба роҳ мондани пешгирии чунин оқибатҳои хатаровар;

- таҳлили санитарӣ – эпидемиологии натиҷаи садамаҳо ва ҳолатҳои фавқулодда;

- баҳодиҳии ҳолати воқеии гизои аҳолӣ бо иштирок намудан дар коркарди барномаҳои мачмӯи оид ба оптимизатсия ва ислоҳи гизои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, ҳамчунин бартараф намудани камбудиҳои микронутриентҳо барои истиқоматкунандагони минтақаҳои сарборихои экологидошта;

- қобилияти гузарондани озмоишҳои санитарӣ-эпидемиологӣ, тафтишот, муоинаҳо, тадқиқот, таҷрибаҳо ва навъҳои баҳодиҳиҳои токсикологӣ, гигиенӣ; ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ, иншооти фаъолияти хоҷагӣ, маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ бо максади муқаррар кардан ва рафъи таъсири манфии омилҳои зараровари муҳити зист, сабабҳои бавуҷудоӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва бемориҳои оммавии ғайрисироятӣ тибки талаботи муқарраршуда;

- қобилияти гузарондани назорати санитарӣ-эпидемиологӣ аз рӯи ҳолати муҳити зисти одам, иншооти бо об таъминкунӣ, хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ, муассисаҳои муолиҷавӣ-профилактикӣ, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯрока, муассисаҳои таълимии томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;

- қобилияти ошкорсозии алоқаҳои сабабӣ-тафтишӣ дар низоми «омилҳои муҳити зисти одам – солимии аҳолӣ;

- қобилияти муайянкунии дараҷаи таъсирҳои омилҳои зараровар ба организми одам, тадқики сабабҳои бемориҳои касбӣ ва заҳролудшавиҳо;

- қобилияти гузарондани муоинаҳо ва баҳодиҳии инкишофи ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, ҳолати функсионалии организм, коршоямӣ ва беморшавии кӯдакони гуногунсол, тақсимоти онҳо аз рӯи гурӯҳи солимӣ дар асоси натиҷаҳои муоинаҳои даврии тиббӣ;

- қобилияти иштирок дар гузарондани озмоишҳои санитарӣ-эпидемиологӣ, тафтишот, муоинаҳо, тадқиқот, таҷрибаҳои тиббӣ, баҳодиҳиҳои токсикологӣ, гигиении объектҳои фаъолияти хоҷагӣ, маҳсулот, мукаррар кардан ва рафъи таъсирҳои манфии омилҳои муҳити зист ба одам, сабабҳои бавуҷудоӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва бемориҳои оммавии ғайрисироятӣ (заҳролудшавиҳо), бемориҳои касбӣ ва баҳодиҳии оқибатҳои бавуҷудоӣ ва паҳншавии чунин беморихо, баҳодиҳии натиҷаҳои экспертизаҳо ва таҳқиқҳои озмоишгоҳӣ ва асбобӣ;

- қобилияти расондани ёрии аввалини тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои бетаъхир дар давраи тогоспиталӣ, инчунин дар ҳолатҳои экстремали эпидемияхо, дар манбаъҳои сироятӣ;

- қобилияти гузарондани кори санитарӣ-равшаннамой бо аҳолӣ доир ба масъалаҳои тиббӣ-профилактикӣ, кор бо адабиёти дарсӣ, илмӣ ва маълумотӣ, ҷустуҷӯи маълумот барои ҳалли масъалаҳои касбӣ;

- қобилияти банақшагирӣ ва гузарондани тарбияи гигиенӣ ва омӯзиши кӯдакон, наврасон ва волидайни онҳо ва ҳайати муассисаҳои томактабии таълимотӣ, муассисаҳои умумитаълимӣ ва таҳсилоти иловагӣ;

- қобилияти ба ҳайати кормандони тиббӣ омӯзондани қоидаҳои муошират ва қобилияти алоқаи мутақобила бо аҳолӣ, коллектив ва партнерҳо;

- қобилияти қоидахои рафтору муносибати тиббиро ба аҳолӣ омӯзондан, қобилияти гузарондани протседураҳои гигиенӣ, ташаккул додани малакаҳои тарзи ҳаёти солим;

фаъолияти ташкилӣ-идоракунӣ:

- қобилияти қабул кардани қарорҳои идоракунӣ, ки ба ҳифзи солимии аҳолӣ равона шудаанд (вобаста ба таъсири номатлуби омилҳои муҳити зисти одам);

- қобилияти гузарондани чорабиниҳои санитарӣ-зиддиэпидемиявӣ (профилактикӣ), ҳифзи аҳолӣ дар манбаъҳои хавфноктарини сирорят, ҳангоми офатҳои табиӣ ва вазъиятҳои гуногуни фавқулодда;

- қобилияти таҳлили натиҷаҳои фаъолияти шахсӣ ва фаъолияти органҳое, ки вазифаи назорат дар соҳаи таъмини беҳбудии санитарӣ-эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон ва бозори истеъмолкунандаро амалӣ мекунанд; муассисаҳое, ки фаъолияти худро бо мақсади таъмини назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологӣ дар ҶТ амалӣ мекунанд; муассисаҳои соҳаи тандурустӣ бо назардошти талаботи қонунҳои ҶТ;

- истифодаи ҳуҷҷатҳои меъёрии дар соҳаи тандурустӣ қабулшуда (қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳои техникӣ, стандартҳои байналхалқӣ ва миллӣ, фармонҳо, тавсияҳо, истилоҳот, низомҳои байналхалқии воҳидҳо (СИ), (таснифоти ҷории байналхалқӣ); таъмин кардани ташкили оқилонаи меҳнат;

фаъолияти илмӣ –тадқиқотӣ:

- омӯхтан ва гузарондани баҳодиҳии танқидии иттилооти ватанӣ ва хориҷии илмӣ –тиббӣ;

- азхудкунии усулҳои муосири тадқиқоти илмӣ бо назардошти меъёрҳои этикӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия;

- иштирок дар чорабиниҳои қасбӣ, илмӣ-амалии тиббӣ;

- гузарондани тафсири натиҷаҳои тадқиқоти гигиенӣ, фаҳмиши стратегии усулҳо ва технологияҳои нави ба илми гигиена ва амалияи санитарӣ ҷоришуда;

- тавсия, баҳодиҳӣ ва санҷиши гипотезҳое, ки сабаб, шароит ва механизми бавуҷудоии бемориҳо ва паҳншавии онҳоро мефаҳмонанд.

Пас аз омӯзиши фанҳои тахассусӣ таълимгиранда бояд
ДОНАД:

- эпидемиологияи бемориҳои сироятӣ, паразитарӣ ва ғайрисироятӣ, амалигардонии тадбирҳои зиддиэпидемикӣ, ҳифзи аҳолӣ дар мавзеъҳои сирояти хавфнок, радиатсия ва офатҳои табиӣ;
- моҳияти асосии ташхиси бемориҳои сироятӣ, нишондодҳо ба бистаришавии беморони сироятёфта;
- усулҳои хос ва ғайрихоси профилактикаи бемориҳои сироятӣ;
- хусусиятҳои расонидани ёрии тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фаврӣ;

- хусусиятҳои ташкили расонидани ёрии аввалини тиббӣ, нишондод барои бистарикунонӣ;
- мухиммияти расонидани ёрии тиббӣ, гузаронидани чораҳои тавонбахшӣ ба аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодда, ҳангоми фалокат дар даврони ҷанг ва осоишта;
- ташкили ёрии акушерӣ – гинекологӣ ба аҳолӣ;
- асосҳои истифодаи усулҳои тибби исботшуда ҳангоми арзёбии вазъи саломатии бемор, фаъолияти ташкилоти тиббии системаҳои ҳифзи модар ва кӯдак дар тадқиқоти илмӣ;
- тавсифи клиникӣ – фармакологии гурӯҳҳои асосии доруворӣ ва интихоби дурусти доруворӣ ҳангоми муолиҷаи синдромҳои асосии бемориҳои таъхирнопазир;
- ташкили гузарондани туберкулинодиагностика, интихоби патсиентон барои ваксинатсия ва реваксинатсия бо ваксинаи сил (минбаъд - БСЖ) бо назардошти натиҷаҳои туберкулинодиагностикаи умумӣ; хусусиятҳои ташхис, муолиҷа ва тавонбахшии гирифторони бемории сил;
- асосҳои ташкили ёрии амбулаторӣ - дармонгоҳӣ ва статсионарии кӯдакон, наврасон ва калонсолон, шаклҳои муосири ташкилии корҳо ва имкониятҳои ташхисии хадамоти дармонгоҳӣ, системаи ҳифзи модар ва кӯдак;
- сохтор, мақсад ва вазифаҳои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ-санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми расондани ёрии тиббӣ дар сатҳи КАТС;
- асосҳои тибби профилактикӣ ба мустаҳкамкунии солимии аҳолӣ равонашуда; усулҳои профилактикаи хос ва ғайрихоси бемориҳои сироятӣ;
- асосҳои ташаккули тарзи хаёти солим, гигиирии дурусти шахсони солими синну соли гуногун;
- моҳиятҳои тавонбахшии патсиентон; ташкил ва гузарондани тадбирҳои тавонбахшӣ дар байни кӯдакон, наврасон ва калонсолон;
- механизми таъсири муолиҷавӣ-тавонбахшии физиотерапия, варзиши муолиҷавӣ ва дигар усулҳои ғайридоруворӣ, нишондод ва зиддинишондоди таъиноти он;
- моҳиятҳои тавонбахшии беморон, интихоби реҷаи оптималии фаъолнокӣ, гизои дуруст, холати морфофункционалӣ, донистани нишондод ва ғайринишондоди таъини варзиши муолиҷавӣ, физиотерапия, рефлексотерапия, фитотерапия, тавсия додани табобати фароғати-осоишгоҳӣ;
- моҳиятҳои таъйиноти гизои муолиҷавӣ ба беморон, тибки бемориҳои онҳо;
- моҳиятҳои муоинаи диспансерии синну солӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоии гуногун;
- ҳуҷҷатгузории хоси тиббии ҳисоботӣ дар муассисаҳои тиббӣ, системаи ҳифзи модар ва кӯдак, амалигардонии муоинаи қобилияти меҳнат;
- системаи ташкили истеҳсоли экспертизаи тиббӣ – судӣ: ҳуқуқ, вазифаҳо ва масъулияти табиб ба иштироки амалҳои протессуалӣ ба сифати мутахассис ё эксперт ҷалбшаванда, тарз ва усулҳои асосии экспертизаи тиббӣ – судӣ;
- принсипҳои асосӣ ва муқаррароти конститутсионӣ, шаҳрвандӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои табиб ва беморон;

- нишондодҳои асосии тиббӣ, меъёрҳои арзёбии ҳамаҷонибаи саломатии бемор;
- асосҳои ташкили кӯмаки тиббӣ ба аҳолӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии истифодашаванда дар соҳаи тандурустӣ, санитарӣ ва некӯаҳволии эпидемиологии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунанда;
- асосҳои назариявӣ ва пояҳои ташкили назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва таъмини он; ҳуҷҷатҳои расмии асосии танзимкунандаи санитарӣ - гигиенӣ ва зиддиэпидемии аҳолӣ дар доираи ҳуқуқӣ дар соҳаи эмкунӣ, пешгирии бемориҳои сироятии беморхона;
- асосҳои заминаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- нишондодҳои асосии фаъолияти гуногуни соҳаи тандурустӣ;
- асосҳои маркетинг ва идоракунӣ дар соҳаи тандурустӣ;
- асоси таҳвияти сифати ёрии тиббӣ;
- принсипҳои ташкили чорабиниҳои пешгирикунанда оид ба таъсири манфии омилҳои муҳити зист ба организм;
- асосҳои илмии танзими гигиении омилҳои зараровар;
- усулҳои тадқиқоти гигиении объектҳои муҳити зист;
- принсипҳои асосии бунёди тарзи ҳаёти солим;
- нишондиҳандаҳои ҳолатҳои муҳити зист ва саломатии аҳолӣ дар системаи мониторинги иҷтимоӣ - гигиенӣ;
- усулҳои ташкили сабаб ва таъсирҳои алоқаи байни муҳити зист ва саломатии аҳолӣ; асосҳои бехатарии радиатсионӣ;
- таъсири афканишот ба саломатии инсон, механизмҳои биологӣ ва зарари радиатсионии клиникии инсон; таълимот оид ба раванди эпидемия, муносибати эпидемиологӣ ба омӯзиши бемориҳои инсон, тафтишоти намудҳои эпидемиологӣ ва мақсади онҳо;
- усулҳои тадқиқоти манбаи бемориҳои эпидемиологӣ ва таҳлили эпидемиологӣ;
- эпидемиология ва пешгирии сирояти беморхона;
- асоси тибби исботшуда; принсипҳои асосӣ ва усулҳои ба нақшагирии чорабиниҳои пешгирӣ ва зиддиэпидемӣ дар ҳолатҳои фавқулодда;
- мақсад, вазифа, мундариҷа ва усулҳои назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологии объектҳои ҳоҷагии муҳити зисти манзилию коммуналӣ, иҷтимоӣ-маишӣ дар муассисаҳои тиббӣ-профлактикӣ, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ҷамъияти хӯрокворӣ ва савдо, иншооти истеҳсолӣ ва муассисаҳо барои кӯдакон ва наврасон;
- асос ва принсипҳои гизо аз синну соли мухталиф ва гурӯҳҳои касбӣ; асосҳои гигиении гизодиҳии профилактикӣ;
- талаботи санитарӣ-эпидемиологӣ ба сифат ва бехатарии маҳсулоти озуқа ва маводи хоми озуқаворӣ;
- принсипҳои стандартизатсияи гигиении омилҳои кимиёвӣ, физикӣ ва биологии муҳити зисти инсон дар робита ба минтақаҳои истиқоматӣ;

- талаботи гигиенӣ бо сифати оби нӯшокӣ;
- талаботи санитарӣ-гигиенӣ бо сифати оби обанборҳо, хаво, хок;
- принсипҳои ташкил, чорабиниҳои профилактикӣ оид ба пешгирии паст намудани сатҳи таъсироти манфӣ ба инсон, омилҳои муҳити зист дар робита ба минтақаҳои истиқоматӣ;
- усулҳои муосири омӯзиш ва арзёбии вазъи саломатӣ, беморшавӣ, инкишофи чисмонӣ ва рӯҳии кӯдакону наврасон;
- принсипҳои физиологӣ-гигиении ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- принсипҳои танзими гигиении омилҳои муҳити зисти хавфнок ва раванди меҳнатӣ; тадбирҳои пешгирӣ аз таъсироти зиёновар.

ТАВОНАД:

- қабул намудани меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ, таъмин намудани некӯаҳволии санитарӣ- эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунанда дар фаъолияти касбии худ;
- кор бо таҷҳизоти тиббӣ;
- мустақилона таҳияи хулосаҳо дар асоси мақсади тадқиқот, натиҷаҳо ва арзёбии пайгирии корҳои имконпазир ва масъалаҳои омӯзишӣ оид ба пешгирӣ ва патологияи беморӣ; истифодаи системаи компютерии тиббӣ-технологӣ дар раванди фаъолияти касбӣ;
- баҳодиҳии гистофизиологии ҳолатҳои гуногуни сохти ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ва узвҳо;
- арзёбии сатҳи ташкили системаи масунияти инсон, фарқ карда тавонистани элементҳои асосии системаи масунияти ҳуҷайраҳо;
- баҳодиҳии параметрҳои фаъолияти системаи организм;
- гузаронидани интихоби маводи биологӣ аз патсиентон барои тадқиқот;
- гузаронидани интихоби озмоиши объектҳои муҳити зист барои намудҳои гуногуни тадқиқот;
- муайян намудани нишондодҳо ва гузаронидани таҳлили таъсири объектҳои алоҳида ва омилҳои экологии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба инсон ё ба муҳити зист;
- гузаронидани муоинаи микроскопӣ, кишти он дар муҳити ғизоӣ, муайян намудани хосиятҳои морфологӣ, тинкториалӣ, антигенӣ, генетикӣ, биохимиявӣ, гузаронидани ташхиси серологӣ ва генетикӣ;
- муайян намудани омилҳои хатари бемориҳои асосии инсон, гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ; таҳлили масъалаҳои патологияи умумӣ;
- таҳлили таъсири маводи дорувориӣ бо маҷмӯи хосиятҳои фармакологии онҳо;
- баҳодиҳии истифодаи маводҳои дорувориӣ барои муолича;
- кори мустақилона бо адабиёти таълимӣ, илмӣ ва дастурӣ;
- малакаҳои амалӣ, меъёрӣ-техникӣ, қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбӣ;
- усули ҷамъоварии иттилооти ичтимоӣ - беҳдоштӣ; маълумот доир ваъзи

саломатии аҳолӣ, маълумоти оморӣ оид ба фаъолияти табибон, шуъбаҳои муассисаҳои тиббӣ-профилактикӣ, муассисаҳои тиббӣ дар маҷмӯъ; усулҳои таҳлили фаъолият навъи гуногуни МТП;

- усулҳои санҷиши санитарӣ-гигиении об, маҳсулоти ғизоӣ, пластикии; усули ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот оид ба омилҳои муҳити зист ва саломатии инсон;
- усулҳои назорати санитарӣ-гигиенӣ, гузаронидани назорати санитарӣ-гигиенӣ ва экспертизаи обтаъминкунӣ, хӯрокворӣ, тақсимоти аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва шароити меҳнатии мутахассис - наҷотдиҳандагон;
- таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии беморҳое, ки сабаби таъсири афканишоти ионофар ва пешгирии ифлосшавии муҳити зист бо радионуклидӣ мешаванд;
- усулҳои гузаронидани таҳлили ретроспективӣ ва оперативии эпидемиологӣ беморшавии аҳолӣ ва тадқиқоти эпидемиологии хуручи бемориҳои сироятӣ; алгоритми назорати эпидемиологии гурӯҳҳои алоҳида ва шаклҳои нозологии бемориҳои сироятӣ;
- баҳодиҳии чорабиниҳои самарабахши зиддиэпидемиявӣ; усулҳои ташхиси эпидемиологии сироятҳои беморхона, усулҳои муосири ташхиси бемориҳои паразитӣ;
- усулҳои назорати сифати оби нӯшокӣ, ҳаво, оби обанбор, хок, тартиби интихоби манбаи марказикунонии таъминоти оби нӯшокӣ;
- усулҳои баҳодиҳии сифати ҳолатҳои сунъии муҳити зисти инсон;
- усули санҷиши саломатии кӯдакон ва наврасон, шароити зист бо коркарди чорабиниҳои амалӣ барои такмили онҳо;
- усулҳои пешгирии таъсири омилҳои зараровар ба муҳити зисти инсон, усули омӯзиши вазъи саломатии кормандон.

Фанҳои клиникӣ:

- нақшаи санҷиши бемор;
- симптомҳои асосии бемориҳои узвҳои дарунӣ, этиология, патогенез ва пешгирии чорабиниҳои бемориҳои маъмул;
- усулҳои муосири клиникӣ, озмоишгоҳӣ, муоинаи беморон ва ташхиси онҳо;
- истифодаи усулҳои маълумотрасонӣ барои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои гуногун;
- принсип ва усулҳои таълимӣ-санитарӣ дар байни аҳолӣ оид ба пешгирии як қатор бемориҳо;
- асосҳои ташкили ёрии аввалияи тиббӣ - ичтимоӣ, принсипҳои ташхиси клиникии аҳолӣ;
- дастгоҳ ва таҷҳизоти шуъбаҳои беморхона, ба ташкили кори кормандони тиббӣ хурд ва миёна ва нақши онҳо дар пешгирии сироятҳои дохили беморхона;
- намуди коркарди санитарии беморон;
- намудҳои табларза, механизми таъсири физиотерапия;

- хусусиятҳои назорат ва нигоҳубини беморони беморихои узвҳои гуногун; хусусиятҳои назорат, нигоҳубин ва пешгирии оризаҳои гуногун дар беморони синну соли миёна ва пиронсолӣ;
- хусусиятҳои анатомӣ-физиологӣ, синну солӣ ва чинсии шахси солим ва бемор;
- симптомҳо ва синдромхои асосии клиникии беморихои узвҳои дарунӣ ва механизми пайдоиши онҳо;
- меъёрҳои ташхиси беморихои гуногун; имкониятҳои ташхис, усулҳои муоинаи беморон, принсипҳои асосии расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда;
- усулҳои замонавии гуногуни таҳлили озмоишгоҳӣ;
- симптомҳо ва синдромҳои ташхиси иттилоотӣ - хусусияти мафҳум, санҷишҳои таъсирпазирӣ; рӯйхати усулҳои озмоишгоҳӣ дар асоси сохтори ташкилии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ;
- алгоритми ташхиси озмоишгоҳии беморихои гуногун дар клиникаи беморихои дарунӣ, патологияи ҷарроҳӣ ва гинекологӣ;
- хусусиятҳои ташхиси беморихои касбӣ;
- таҳлили омилҳои зараровар дар асоси хусусиятҳои санитарӣ-гигиении тавсифи шароити корӣ; меъёрҳои ташхиси заҳролудшавии шадиди касбӣ;
- асосҳои ташхиси тиббӣ-меҳнатӣ, пешгирии аввалия ва дуюмин, барқарорсозии тиббӣ-иҷтимоӣ ва меҳнатӣ;
- асосҳои фаъолияти кормандони соҳаи тиб дар ҳамаи марҳилаҳои табобати беморони ҷарроҳишуда; принсипҳои умумии ташхиси клиникии беморони ҷарроҳишуда; зуҳуроти клиникии синдроми асосии ҷарроҳӣ;
- омилҳо ва чараҳои пешгирии ҷарроҳии нисбатан зиёд вохӯранда; масъалаҳои муборизаи бо сирояти дохилибеморҳонагӣ дар статсионари ҷарроҳӣ;
- алгоритми реаниматсияи базисии дилу шушҳо, тарзҳои шамолдиҳии сунъии шушҳо, техникаи маҳси номустақими дил, дефибриллятсияи барқӣ, моҳиятҳои профилактикаи оризаҳои реаниматсияи дилу шушҳо;
- усулҳои муосири муоинаи беморони стоматологӣ, масъалаҳои этиология ва профилактикаи беморихои стоматологӣ, алоқаи онҳо бо омилхои муҳити беруна, зарарҳои касбӣ ва риоя накардани тарзи ҳаёти солим, моҳиятҳои ташкил кардан ва усулҳои гузарондани чорабиниҳои бетаъхири тиббӣ дар гирифторони беморихои фасодӣ-илтиҳобӣ ва дар нафарони бо осеби нохияи чогу рӯй;
- моҳиятҳои ташаккули ёрии онкологӣ; патогенези инкишоф ва клиникаи равандҳои бадомоси нисбатан зиёд вохӯранда;
- моҳиятҳо ва усулҳои гузарондани корҳои санитарӣ-равшаннамой доир ба тарғиби тарзи ҳаёти солим;
- асосҳои ташаккул ва гузарондани чорабиниҳои санитарӣ-зиддиэпидемикӣ зимни ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногеннидошта дар замони ҷанг ва дар замони осоишта; ташкил ва тарзҳои ҳимоя аз омилҳои яроқи осеби оммавӣ расонанда, фалокатҳои табиӣ ва техногенӣ, асосҳои

расондани намудҳои гуногуни ёрии тиббӣ ба аҳолии осебдида;
- симптомҳо ва синдромҳои беморихои кӯдакона;
- усулҳои пешгирии беморихои кӯдакона; моҳиятҳои ташаккули муассисаҳои кӯдаконаи муолиҷавӣ-профилактикӣ ва реҷаи санитарӣ-эпидемиологӣ дар онҳо ва дар таваллудхонаҳо;
- хусусиятҳои санитарӣ-гигиении ташаккули кор бо манбаъҳои афканишоти пондор ва беион дар шуъбаи ташхиси шуоӣ;
- моҳияти гирифтани акс ҳангоми усулҳои шуоии ташхис;
- аҳамияти машқҳои ҷисмонӣ дар шароити ҳаёти муосир, механизмҳои таъсири варзиши муолиҷавӣ, нишондод ва ғайринишондод ба таъини варзиши муолиҷавӣ ва табобати фароғатӣ-осоишгоҳӣ;
- нишондод ва ғайринишондод ба таъини физиотерапия;
- сироятҳои вирусии иҷтимоӣ муҳим: хусусиятҳои раванди эпидемиявӣ дар шароити муосир, усулҳои ташхис ва пешгирӣ, муолиҷа, имкониятҳои профилактикаи хос ва ғайрихоси беморихои сироятӣ;
- аҳамияти дерматовенерология барои табибони гигиенашинос; масъалаҳои этиология, патогенез ва пешгирии беморихои асосии пӯст, алоқаи онҳо бо омилҳои муҳити беруна, зарарҳои касбӣ ва риоя накардани тарзи ҳаёти солим;
- симптомҳо ва синдромҳои асосии осеби системаи асаб; усулҳои асосӣ ва иловагии муоинаи беморони неврологӣ;
- этиопатогенез, клиника, муолиҷаи шаклҳои асосии нозологӣ ва беморихои касбии системаи асаб, усулҳои генетикаи тиббӣ, ки барои баҳодиҳии таъсири омилҳои муҳити атроф, для ҳифзи солимии аҳолӣ ва профилактикаи популятсионии бемориҳо истифода мешаванд; асосҳои фармакогенетикаи одам, асосҳои генетикаи экологии одам, моҳиятҳои муътадилсозии омилҳои генетикӣ-гигиении муҳити атроф;
- ташкили хизмати тиббӣ-генетикӣ;
- зуҳуроти асосии рӯҳӣ дар меъёр ва патология, таснифоти байналхалқӣ ва ватании ихтилоли рӯҳӣ; қонуниятҳои асосии психологии одами бемор, психологияи корманди тиббӣ, муҳити психологии муассисаҳои муолиҷавӣ-профилактикӣ; хусусиятҳои асосии психогигиена – умумӣ ва махсус;
- низоми ташаккули ичро кардани санҷиши судӣ-тиббӣ, тарзҳо ва усулҳои асосии тадқиқоти объектҳои санҷиши судӣ –тиббӣ.

ТАВОНАД:

- гузарондани муоинаи бемор;
- баҳодиҳии маълумоти ҳосилшуда; тасвияти ташхиси синдромалӣ ва ба нақша гирифтани усулҳои иловагии тадқиқот; пур кардани таърихи беморӣ;
- баҳодиҳии натиҷаҳои муоинаҳои патсиент;
- амалӣ кардани назорати нишондоди гемодинамика ва нафаскашӣ;
- амалӣ кардани муроқибати беморони гирифтори беморихои гуногуни узвҳо ва системаҳо ва амалӣ кардани чорабиниҳои профилактикӣ; муқаррар кардани марги биологӣ ва бо ҷасад кор кардан;
- муайян кардани ташхиси клиники беморихои нисбатан пахншудаи узвҳои

дарунӣ, ки ба шакли хос ҷараён мекунанд ва асоснок кардани ин ташхис;

- ҳал кардани масъалаҳои санҷиши коршоямӣ; ба расмият даровардани ҳуҷҷатгузории аввалия ва ҷорӣ, тартиб додани нақшаи диспансеризатсияи такрорӣ, баҳодиҳии самарабахшии назорати диспансерӣ;
- расондани ёрии аввалин дар вазъиятҳои фавқулодда то расида омадани гурӯҳи ёрии таъҷилии тиббӣ, фавран амаликунонии бистарикунонӣ;
- гузарондани чорабиниҳо доир ба профилактикаи аввалин ва такрорӣ беморияҳои соҳаи терапевтии дар дармонгоҳ нисбатан зиёд вохӯранда;
- муносибати маҷмӯии таъини тадқиқоти озмоишгоҳӣ, тартиб додани нақшаи муоина бо назардошти тавсифҳои тестҳои озмоишгоҳӣ;
- шарҳ додани натиҷаҳои тадқиқоти озмоишгоҳӣ, тартиб додани нақшаи муоинаи бо назардошти тавсифи тестҳои озмоишгоҳӣ;
- шарҳ дода тавонистани натиҷаҳои тадқиқоти озмоишгоҳӣ, аз ҷумла бо назардошти муттасилии тадқиқоти пешазҷарроҳии амбулаторӣ, статсионарӣ, озмоишгоҳӣ; таҳлил кардани тавсифи санитарӣ-гигиении шароити меҳнат, ташкил кардан ва гузарондани муоинаҳои тиббӣ ва чорабиниҳои профилактикӣ; муайян кардани гурӯҳҳои хавфи баланди беморшавӣ ба сил, гузарондани муоинаи клиникии бемори сили шуш; баҳодиҳии натиҷаҳои стандартии озмоишгоҳӣ, усулҳои рентгенологии тадқиқот;
- муайян кардани навъи манбаи сирояти сил ва ташкил кардани чорабиниҳо доир ба солимгардонии он;
- амалӣ кардани тамоми чорабиниҳои зарурии муроқибати беморони ҷарроҳӣ;
- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба беморҳои онкологӣ бо мақсади коркарди омории он;
- гузарондани чорабиниҳои санитарӣ-гигиенӣ ва зиддиэпидемиявӣ ҳангоми вазъияти фавқулодда;
- истифодаи усулҳои прогнозмонӣ ва профилактики ҳолатҳои патологии соҳаи акушерӣ-гинекологӣ, баҳодиҳии нақши омилҳои экологӣ ва истеҳсолотӣ дар патологияи ҳомилагӣ, бемории ҷанин ва навзодон;
- таҳлил кардани омилҳои иҷтимоӣ ва экологӣ, ки ба саломатии кӯдакон таъсир мерасонанд, муҳайё сохтани шароит барои инкишофи гармонии кӯдакон, ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- ташкили усулҳои тадқиқоти шуоӣ, муайян кардани аломатҳои шуоии ҳолаҳои бетаъхир;
- гузарондани баҳодиҳии маҷмӯии ҳолати чисмонӣ, тартиб додани хулосаи тиббӣ ва ба гурӯҳҳо тақсим кардан барои машғулиятҳои варзишӣ; гузарондани назоратҳои тиббӣ-педагогӣ ва баҳодиҳии самарабахшии раванди тамринӣ;
- ташхиси профдерматозҳо, муайян кардани омилҳое, ки ба пайдо шудани онҳо мусоидат мекунанд, гузоштани намунаҳои эпикутании пӯст ва истифодаи усулҳои тадқиқоти иммунологӣ барои тасдики ташхиси этиологияи касбӣ;
- гузарондани чорабиниҳои профилактикие, ки ба пешгирии беморияҳои ирсӣ ва модарзодӣ, кам кардани басомади беморияҳои васеъ паҳншуда табиати мултифакторидошта равона карда шудаанд;

- расондани ёрии аввалин ҳангоми ихтилоли рӯҳие, ки дар шароити таъсирҳои дард ба вуҷуд меоянд, офатҳои таббӣ ва фалокатҳо ба вуҷуд меоянд;
- ташаккул додани муносибатҳои эътимодомез бо беморон, ба назар гирифтани хусусиятҳои психологии шахсият зимни муқаррар кардани робита;
- гузарондани муоинаи гӯш, ҳалқ ва бинӣ, расондани ёрии фаврӣ ҳангоми вазмаҳо, ҳунравиҳо ва беморияҳои шадиди гӯш, ҳалқ ва бинӣ, ба нақша гирифтани чорабиниҳои профилактикӣ бо назардошти патологияи касбӣ дар оториноларингология;
- дуруст шарҳ додани маълумоти усулҳои махсуси офталмологии ташхис, расондани ёрии аввалини тиббӣ ҳангоми офталмопатология, гузарондани профилактикаи патологияи чашм, интихоби касбӣ, санҷиши меҳнатӣ; истифода кардани ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва тиббии констататсияи марги одам, усули муоинаи ҷасад дар ҷойи маълум шудани он ва ошкор кардани далелҳои шайъии табиати биологидошта, қоидаҳои мусодира, борпеч ва барои минбаъда тадқиқоти санҷишӣ равона кардани онҳо;
- усулҳои муоинаи умумиклиникӣ (пурсиш, муоина, палпатсия, перкуссия, аускултатсия, муайян кардани хусусиятҳои набзи шарёнӣ, чен кардани фишори шараёнӣ);
- малакаҳои муоширати марбути малакаҳои асосии салоҳиятнокии клиникӣ;
- тафсири натиҷаҳои озмоишгоҳӣ, усулҳои ташхиси асбобӣ; алгоритми ташхиси клиникии муфассал, алгоритми гузоштани ташхиси пешакӣ бо минбаъда роҳхат ба мутахассиси дахлдор; алгоритми ичро кардани чорабиниҳои асосии ташхис ва муолиҷа чиҳати расондани ёрии аввалини тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои бетаъхир ва ба ҳаёт таҳдидкунанда; ҷанбаҳои этикӣ ва деонтологии фаъолияти тиббӣ;
- техникаи гузарондани коркарди санитарӣ-профилактикии иншоотии муолиҷавӣ ва ташхисӣ; техникаи ҷамъоварии маводи биологӣ барои тадқиқоти озмоишгоҳӣ; тарзи муроқибати беморони гирифтори беморияҳои гуногуни узвҳо ва системаҳо; хусусиятҳои муроқибати беморони вазнин ва дар дами маргбуда;
- усулҳои гирифтани маводи биологӣ барои тадқиқот – гирифтани хуни вариди, пешоб ҳангоми катетеризатсияи масона, намунаҳо аз ҳалқ, моеъҳои ҷавф, тарашшуҳҳо, усулҳои ташхиси наздикатӣ (муайян кардани миқдори глюкоза, истифодаи тасмаҳои пешоб);
- усулҳои ошкорсозии беморияҳои касбӣ, муолиҷа ва пешгирӣ;
- усулҳои асосии озмоишгоҳӣ ва асбобии ташхис, ки дар ташхиси беморияҳои касбӣ ва ҳангоми гузарондани муоинаҳои профилактикии тиббӣ истифода мешаванд; тарзи расондани ёрии фаврии тиббӣ ҳангоми захролудшавии шадиди касбӣ;
- усули ташаккул ва гузарондани корҳои санитарӣ-равшаннамоӣ байни нафароне, ки дар алоқа бо омилҳои зараровари касбӣ кор мекунанд;
- усулҳои муоинаи патсиент бо мақсади ташхиси бемории сил; усули муайян кардани шахсони аввалин маротиба бо микобактерияҳои бемории сил

сироятёфта аз рӯи натичаҳои озмоиши манту; усули ҷудо кардани шахсон барои реваксинатсия бо назардошти натиҷаҳои туберкулиноташхиси оммавӣ;
- усули баҳодиҳии вазъияти эпидемиологӣ бо сил аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии эпидемиологӣ;
- усулҳои ташхиси бемориҳои шадиди ҷарроҳӣ ва ёрии бетаъхири тиббӣ ҳангоми онҳо; муайян кардани мавҷудияти шикастагӣ ё баромадагӣ, гази озод дар холигии шикам, гидро- ва пневмотракс дар рентгенограмма; усулҳои қатъгардонии муваққатии хунравиҳои берунӣ;
- усули расондани ёрии аввалин ҳангоми обструксияи роҳҳои болоии нафас;
- усули муоинаи ноҳияи чоғу рӯй ва холигии даҳон; расондани ёрии аввалин ҳангоми ҳолатҳои ургентии ноҳияи чоғу рӯй;
- усулҳои расондани ёрии тогоспиталӣ ба беморони урологӣ, усули ташаккул ва гузарондани корҳои санитарӣ-равшаннамоии ба пешгирии бюсориҳои урологӣ равонашуда;
- усулҳои муоинаи умумии клиники патсиентон бо тахмини раванди бадомос; усулҳои ҷамъоварии мавод барои тадқиқоти ситологӣ;
- мохиятҳои гузарондани корҳои санитарӣ-равшаннамоӣ оид ба таргиби тарзи ҳаёти солим;
- усули рафъи вайроншавиҳои ба ҳаёт хавфнок ҳангоми садамаҳо (иммобилизатсияи нақлиётӣ, гузоштани бандинаҳо ба ҷароҳат);
- расондани ёрии аввалини тиббӣ ба зарардидагони манбаъҳои осеб зимни вазъиятҳои фавқулодда; усулҳои баҳодиҳии вазъиятҳои гигиении радиатсионӣ, кимиёвӣ ва бактериологӣ;
- меъёрҳои ташхиси бемориҳои касбии пӯст;
- усули ҷамъоварии анамнези бемори неврологӣ; усули тадқиқоти статуси неврологӣ ва гузоштани ташхиси пешакӣ, тартиб додани нақшаи муоинаи бемор ҳангоми бемориҳои касбии системаи асаб;
- малакаҳои фаҳмидани натичаҳои тадқиқоти ситогенетикӣ;
- тасвияти ташхиси судӣ-тиббӣ.

Хатмкунанда бояд дорои хислатҳои шахсӣ ва малакаҳои зерин бошад:

- дарки масъулияте, ки фаъолияти касбии табиб ба риояи принсипҳои ахлоқию этикӣ ва ҳуқуқӣ асос ёфтааст;
- ба роҳ мондани фаъолият дар асоси арзишҳои касбӣ, аз чумла маҳорат, интизом, ғамхории бегаразона, дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, масъулият, ростқавлӣ, махфӣ нигоҳ доштани сирри касбӣ;
- дарки муҳиммияти ҳамдигарфаҳмӣ ва муносибати самимонаи табибу бемор, аъзоёни оилаи онҳо, эҳтироми арзишҳои фарҳангӣ ва озодии эътиқоди динӣ;
- ташаккули муносибатҳои муттақобилаи мусбат ва эҳтироми нуктаи назари ҳамкорон;
- омодагӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои худ дар давоми фаъолияти касбӣ дар асоси дастовардҳои нави илмӣ.

6. ТАЛАБОТ БА СОХТОРИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

6.1. Барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ омӯзиши фанҳои таълимӣ ва иҷрои корҳои ғайриаудиториро дар бар мегирад (ҷадвали 2):

- фанҳои гуманитарӣ;
- фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ;
- фанҳои умумикасбӣ;
- фанҳои тахассусӣ;
- таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ;
- аттестатсияи хатм.

6.2. Мавзӯъ ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ тавре муайян карда мешавад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимии онҳо сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ ташаккул ёбад.

6.3. Бахши фанҳои гуманитарӣ омӯзиши фанҳои ҳатмии фалсафа, таърихи халқи тоҷик, забони тоҷикӣ, забони хориҷӣ, забони русӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва фанни интихобии этика ва эстетика ё мантиқро дар бар мегирад.

6.4. Бахши фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ омӯзиши фанҳои ҳатмии назарияи иқтисодӣ, географияи Тоҷикистон бо асосҳои демографияи он, технологияи информатсионӣ ва фанҳои интихобии экология, мудофиаи шаҳрвандиро дар бар мегирад.

Ҷадвали 2.

СОХТОРИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Т/Р	МАВЗӮЪҲОИ ОМӮХТАШАВАНДА	Кредит	Соат
I.	**БАХШИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ (БФГ)**	**54**	**1296**
БФГ 01	**Фалсафа** Фалсафа, доираи проблемаҳо ва нақши он дар ҷомеа. Метод ва вазифаҳои фалсафа. Фалсафа дар низоми фарҳанг. Предмет ва объекти донишҳои фалсафӣ. Фалсафа дар Ҳинди бостонӣ ва Чини Қадим. Фалсафаи бостонии тоҷику форс. Фалсафаи Юнонӣ атиқа. Тавсифи умумии таълимотҳои фалсафии Ҳинду Чини қадим, Форси бостон ва Юнонӣ атиқа. Фалсафаи асримиёнагии аврупой. Фалсафаи асримиёнагии Шарқи Исломӣ. Принсипҳо ва назарияи фалсафию динии машшоия ва калом. Фалсафаи давраи Эҳё. Фалсафаи Замони нав (асри XVII-XVIII). Фалсафаи маорифпарварии франсавӣ. Мақоми фалсафа ва илм дар фарҳанги аврупоии замони Нав. Фалсафаи классикии олмонӣ. Фалсафаи марксистӣ. Моҳияти фаҳмиши материалистии таърих. Масъалаи шуур дар фалсафа. Шуур ва инъикос. Равишҳои мухталифи илмию фалсафӣ доир ба моҳияту хосияти шуур. Гносеология–таълимот дар бораи маърифат. Маърифат ҳамчун мавзӯи таҳлили фалсафӣ. Назарияҳои ҳақиқат. Субъект ва	**5**	**120**

БФУ 02	**Анатомияи патологӣ** Максад, вазифа, усулҳои анатомияи патологӣ. Хизматрасонии патологанатомӣ. Садама. Мавт. Апоптоз. Марг. Маълумоти умумии дар бораи дистрофияҳо. Дистрофияҳои паренхиматозӣ. Дистрофияҳои мезенхимиявӣ Дистрофияҳои омехта. Вайроншавии гардиши хун ва лимфа. Маълумоти умуми дар бораи илтиҳоб. Илтиҳоби алтеративӣ ва эксудативӣ. Илтиҳоби продуктивӣ ва хоса. Иммунопатология. Компенсасия ва мутобиқшавӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи омосҳо. Омосҳои бофтаи эпителиалӣ. Омосҳои мезенхималӣ. Омосҳои бофтаи меланинҳосилкунанда. Атеросклероз, Бемории гипертоникӣ. Бемориҳои тарбодӣ. Нуқсонҳои дил. Бемориҳои шуш. Бемориҳои меъда ва руда. Бемориҳои ҷигар. Бемориҳои гурда. Бемориҳои сироятии СМА. Сирояти шадиди вирусию респираторӣ. Сирояти бактериавии рӯда. Сепсис. Бемории сил. Бемориҳои сироятии нихоят хавфнок.	7	168
БФУ 03	**Физиологияи патологӣ** Мукаддима. Фан ва вазифаҳои физиологияи патологӣ. Нозологияи умумӣ. Этиология ва патогенези умумӣ. Таъсири омилҳои зараровари мӯҳити атроф. Таъсири патогении фишори паст ва баланди атмосферӣ. Реактивнокии организм ва аҳамияти он дар патология. Аллергия. Аутоаллергия. Таснифи экзоаллергенҳо ва экзоаллергенҳо. Таснифи аксуламалҳои ҳасосӣ аз рӯи пайдоиш. Давраҳои патогенези аксуламалҳои аллергӣ. Тарзҳои пешгирӣ ва муолиҷаи аллергия. Бемориҳои аутоиммунӣ. Бемориҳои худмасункунӣ (аутоиммунӣ). Ҷавоби марҳилаи шадид. Варача. Вайроншавии хунгардиши ноҳиявӣ ва микросиркулятсия. Пурхунии шараёнӣ ва варидӣ. Ишемия. Физиологияи патологии мубодилаи обу намак. Варам ва истиско. Варам. Намудҳо, тарзи инкишофи варамҳои гуногун. Этиология ва патогенези газакгирӣ. Аксуламали рагҳо - тағйирёбии гардиши хун ва ҷараёни муҳоҷироти лейкоситҳо ҳангоми инкишофи газаки шадид. Давраҳои инкишофи ҳуҷайрахӯрӣ (фагоситоз) ва инчунин хусусиятҳои мубодилаи моддаҳо ва дигаргуниҳои физикию кимиёӣ дар манбаи газак. Физиологияи патологии дастгоҳи нафаскашӣ. Саволҳои этиология, тарзи инкишоф, зуҳуротҳои хоси намудҳои носомонии нафаскашии берунӣ. Норасоии нафаскашӣ, сабабҳо. Тарзи инкишофи норасоии нафаскашӣ: физиологияи патологияи нафаси дохилӣ. Сабабҳо, зуҳуротҳо, тарзи инкишоф, тағйирёбии	7	168

	таркиби газӣ ва pH-и хун дар намудҳои гуногуни гипоксияҳо, ҷараёнҳои мутобиқшавӣ. Гипоксия. Физиологияи патологии дастгоҳи хун. Физиологияи патологии хуни умумӣ, этиология, тарзи инкишоф, зуҳуротҳо, оқибатҳо, аҳамияти клиникӣ, вайроншавии ҳаҷм ва мутаносибии плазма ва ҳучайраҳои хун дар патологияи; аксуламалҳои муҳофизӣ – мутобиқшавии организм ҳангоми талафи хун. Гиповолемия. Патологияи хуни сурх. Камхуниҳо. Лейкозҳо. Физиологияи патологии хунгардиш. Физиологияи патологии хунгардиш. Физиологияи патологии хунгардиши ноҳиявӣ. Суддат (тромбоз). Сидод (эмболия). Физиологияи патологии норасоии дилӣ. Норасоии хунгардиш, намудҳои он; норасоии хунгардиш ҳангоми носомониҳои вазифаҳои дил ва вайроншавиҳои намудҳои хоси назми фаъолияти дилӣ ҳангоми вайроншавии хусусиятҳои миокард. Физиологияи эътилолии таваттури рагҳо, этология, тарзи инкишоф, намудҳо, зоҳиротҳо, тарзҳои табобат ва пешгирии ҳолатҳои гипер - ва гипотензиявӣ. Таснифи тағирёбии таваттури рагҳо. Носомонии хунгардиши канорӣ ва микросиркулятсия. Гипертонияҳои симптоматикӣ. Ҳолатҳои гипотонӣ. Намудҳои коллапс. Физиологияи патологии хозима, сабабҳо, тарзи инкишоф ва оқибатҳои намудҳои хоси вайроншавии ҳозима дар ковокии даҳон ва меъда. Бо тачриба исбот намудани таъсири дарачаи кислотаи атсидӣ ба кобилияти ҳозимавии шираи меъда. Физиологияи патологии ҳозима, сабабҳо, тарзҳои инкишоф, зуҳуротхо, оқибатҳои намудҳои хоси вайроншавии ҳозима дар рӯдаи борик ва ғафс. Носомонии вазифаи ҳаракат ва кӯчонидании меъда. Физиологияи патологии мубодилаи моддаҳо ва энергия, вазифа, сабабҳо ва тарзи инкишофи вайроншавии мубодилаи моддаҳо ва энергия ҳангоми эътилолҳои гуногун. Носомонии анаболизм ва катаболизм. Физиологияи патологии ҷигар, этиология, патогенез, намудҳо, зухуротҳои норасоии ҷигар; усулҳои тачрибавии омӯзиши вайроншавиҳои вазифаҳои ҷигар; аҳамияти хунгардиши порталӣ дар патология. Физиологияи патологии гурдаҳо, сабабҳо, тарзҳои умумии инкишоф ва пайдоиши носомониҳои гурда; вайроншавии ҷараёнҳои асосӣ дар гурдаҳо; омӯзиши баходихии ҳолатҳои функсионалии гурдаҳо аз рӯи қобилияти суюқ ва ғализкунии пешоб, тарзи икшоф, зуҳуротҳо, оқибатҳо, тарзи муолиҷаи намудҳои патологии гурдаҳо. Физиологияи патологии системаи эндокринӣ. Шаклҳои асосии носомонии эндокринӣ. Физиологияи патологии эпифиз. Физиологияи патологии ғадудҳои ҷинсӣ: гипо- ва гипергонадизм. Физиологияи патологии ғадуди душоха. Стресс ва алоимияи адаптасионӣ. Физиологияи патологии системаи асаб. Этиологияи умумӣ ва тарзи инкишофи норасогиҳои дастгоҳи асаб, омӯзиши сабабҳо, тарзи инкишоф, зуҳуротҳои вайроншавии		

	ҷараёнҳои ҳаракат ва ҳиссиёти дастгоҳи асаб.		
БФУ 04	**Тарихи тиб** Таърихи тиб хамчун фанни омӯзиш. Тиб дар чамъияти тосинфӣ. Инкишофи тиб дар мамлакатҳои Шарқи Қадим (Мисри араб, Чин, Ҳиндустон). Инкишофи тиб дар Юнони қадим. Инкишофи тиб дар Руми қадим. Тиб дар давлатҳои Осиёи миёнаи қадим (асрҳои III- X). Инкишофи тиб дар давлати Сомониён. Ҳаёт ва фаъолияти эчодии Абӯбакри ар Розӣ хидматҳои ӯ дар соҳаи тибби стоматологӣ. Ҳаёт ва фаъолияти эчодии Абӯалӣ ибни Сино. Аҳамияти асарҳои Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб. Тиб дар Осиёи миёна (XI-XVII). Тиб дар Аврупои Ғарбӣ (VI-XIX). Инкишофи тиб дар Русия (XI-XIX). Ташаккули тиб дар асри XX. Рушди тиб ва тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.	**2**	**48**
БФУ 05	**Микробиология ва вирусология** Таърихи инкишофи микробиология ва вирусология. Тасниф ва морфологияи микроорганизмҳо. Сохти ҳуҷайраи микроб. Сохти ҳуҷайраи спирохетаҳо, риккетсияҳо, хламидияҳо, уреоплазмаҳо ва микоплазмаҳо. Морфология ва сохти замбӯрӯғҳо, соддатаринҳо. Прионҳо. Вирусологияи умумӣ. Тасниф, сохт ва хусусияти биологии вирусҳо. Физиологияи микроорганизмҳо. Ғизогирии бактерияҳо. Муҳитҳои ғизоӣ. Нафаскашии бактерияҳо. Инкишоф ва афзоиши бактерияҳо. Даврахои афзоиши батерияҳо. Усулҳои кишткунии анаэробҳо ва аэробҳо. Микроаэрофилҳо. Экологияи микроорганизмҳо. Микрофлораи муҳити атроф ва вуҷуди инсон. Хусусиятҳои микрофлораи вуҷуди инсон вобаста аз синну сол. Микроорганизмҳои санитарию-нишондиҳандагӣ. Коли – титр ва коли – индекс. Таъсири омилҳои физикавии, химиявӣ, биологӣ ба микроорганизмҳо. Антибиотикҳо ва дорухои химиотерапевти. Усулҳои муайян намудани ҳиснокии микробҳо ба антибиотикҳо. Уфунат (инфексия). Намудҳои уфунат. Сироятнокӣ ва сироятпазирӣ. Омилҳои сироятнок ва сироятпазирии микроорганизмҳо. Масъуният (иммунитет). Омилҳои ғайрихусусӣ ва хусусии масъуният. Омилҳои ғайрихусусии муҳофизавии вуҷуди инсон. Хусусияти Масъуният вобаста аз синну сол. Масъуният. Намудҳои Масъуният. Подтан (антиген). Намудҳои он. Подзо (антитела). Хусусиятҳои асосии онҳо. Масъунияти гуморалӣ. Иммуноглобулинҳо. Аҳамияти подзоҳо дар реаксияи иммунии организм. Пайвастагиҳои иммунии замонавӣ. Аллергия (баландҳассосӣ). Баландҳассосии тез вусъатёбанда. Толерантнокии иммунологӣ. Таъсири ҷараёни илмию-техникӣ ба вуҷуди инсон. Ҳолати системаи иммунӣ ва усулҳои баҳо додани он. Норасогии Масъуният. Бемориҳои аутоиммунӣ. Асосҳои ммунотерапия ва иммунопрофилактика. Ваксина ва зардобаҳо. Микробиологияи уфунатҳои шаддиди рӯдавӣ:	**7**	**168**

	эшерихиозҳо, салмонеллёзҳо, шигеллёзҳо. Микробиологияи арангезандагони бемории вабо, кампилобактериозҳо, иерсиниозҳо. Микробиологияи барангезандагони уфунатҳои фасодию илтиҳобӣ. Коккҳои сироятовар. Микробиологияи коринобактерияҳо ва бордетеллҳо. Микробиология микобактерияҳои касалиовар ва шартан-касалиовар. Анаэробҳои касалиовар ва шартан касалиовар. Микробиологияи барангезандагони уфунатҳои зооантропонозӣ. Спирохетҳои касалиовар: трепонемахо, боррелияхо, лептоспирахо. Вируси зуком, паргрипп, паротит, сурхча, хора. Энтеровирусҳо. Вируси фалач (полиомиелит), коксаки, ЕСНО, Гепатитҳои А ва Е. Вируси зарпарвини В, С, D. Уфунатҳои вирусии сустинкишофёбанда. Онковирусҳо. СПИД. Бемориҳои аутоиммунӣ.		
БФУ 06	**Тибби ҳарбӣ** Санадҳои меъёри-ҳуқуқии Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани. Асосҳои ташкили чорабиниҳои ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногеннӣ. Ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенние. Хатарҳои нав вобаста ба амалҳои террористӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи кӯлҳо, обанборҳо ва пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти умумӣ оид ба моддаҳои сахттаъсири заҳролудкунанда ва истифодаи онҳо дар иншоотҳои иқтисодӣ. Иншоотҳои муҳофизатии фардӣ ва дастачамъии мудофиаи граждани. Нақш ва вазифаҳои мудофиаи граждани дар замони муосир. Роҳбарӣ ва идоракунии мудофиаи граждани. Ташкили тайёрӣ, омӯзиши аҳолӣ ва бахисобгирии неруҳои ғайриҳарбии мудофиаи граждани оид ба ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждани. Маълумоти умумӣ оид ба воситаҳои ҳозиразамони зарбазан. **Қисми тиббӣ**. Хадамоти мудофиаи граждани. Хадамоти тиббии мудофиаи граждани. Вазифаҳои онҳо ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавкулодда. Чорабиниҳои асосӣ оид ба устуворгардонии иншоотҳои иқтисодӣ ва муассисаҳои тиббӣ дар даврai ҷанг. Маълумоти умумӣ дар бораи эпидемия. Сабабҳои сар задани эпидемия ва бемориҳои сирояткунандаи хавфнок ҳангоми ҳолатҳои фавкулодда. Усулҳои расонидани ёрии аввалини тиббӣ ба худ ва ба ҳамдигар ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда, садама, фалокатҳо ва дар вақти ҷанг.	**6**	**144**
БФУ 07	**Иқтисодиёти тандурустӣ** Роҳбарии сохтори ташкилотии соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Оиди механизми нави хоҷагидории маблағгузорӣ дар соҳаи нигахдории тандурустӣ. Иқтисодиёти нигахдории тандурустӣ. Ташкили экспертизаи тиббӣ-меҳнатӣ. Ислоҳот дар соҳаи нигахдории тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ташкили хизмати тиббӣ ба аҳолии шаҳр. Ташкили хизмати тиббӣ ба аҳолии деҳот. Ташкили хизмати санитарӣ –	**4**	**96**

	эпидемиологӣ. Иқтисодиёти нигаҳдории тандурустӣ. Суғуртаи тиббӣ. Маблағгузории нигаҳдории тандурустӣ. Ташкили экспертизаи тиббӣ- меҳнатӣ (КТМ, КДЭТМ). Ташкили хизмати тиббӣ ба аҳолии деҳот. Ташкили хизмати тиббӣ ба аҳолии шаҳр. Санҷиши фосилавии дониш. Ташкили хизмати тиббии ҳифзи солимии репродуктивӣ. Ташкили хизмати тиббӣ ба коргарони корхонаҳои саноатӣ. Ташкили хизмати санитарӣ – эпидемиологӣ ба аҳолӣ. Ҳуҷҷатнигории ва ҳисоботи тиббӣ. Мукаммал намудании ҷамъи маълумотҳо. Системаи итилоотии нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон.		
БФУ 08	**Амалияи ҷарроҳӣ ва анатомияи топографӣ** Асбобҳои умумии ҷарроҳӣ ва истифодаи онҳо. Блоки ҷарроҳӣ. Анатомияи топографии қисмати мағзии сар. Анатомияи топографии асоси чумчума ва рӯй. Ҷарроҳии сар. Анатомияи топографии девораи гардан. Анатомияи топографии узвҳои гардан. Ҷарроҳи гардан. Трахеостомия ва лӯлагузории ҳанҷара. Анатомияи топографии девораи сина, ковокии ҷанбӣ ва шушҳо. Анатомияи топографии узвҳои миёндевори пеш. Анатомияи топографии узвҳои миёндевори ақиб. Ҷарроҳии девораи қафаси сина ва узвҳои ковокии сина. Ҷарроҳии қафаси сина ва узвҳои ковокии қафаси сина. Анатомияи топографии девораи шикам. Анатомияи топографии узвҳои фазои пасишикамӣ ва ҷарроҳии онҳо. Ҷарроҳии девораи шикам. Чок кардани чурра. Анатомияи топографии ковокии шикам. Принсипҳои асосии амалиёти ҷарроҳии роҳҳои ҳозима ва узвҳои паренхиматозӣ. Принсипҳои асосии амалиёти ҷарроҳии роҳҳои ҳозима (дарзи рӯдавӣ). Анатомияи топографии сутуни муҳраҳо ва ҷарроҳии он. Анатомияи топографии девора, узвҳои кос ва ҷарроҳии онҳо. Анатомияи топографии ҷанбаракҳои боло. Анатомияи топографии ҷанбаракҳои поён. Ҷарроҳии бофтаҳои нарми ҷанбаракҳо: рагҳо, асаб ва пай, устухон ва бугумҳо. Ампутатсия.	**5**	**120**
IV.	**БАХШИ ФАНҲОИ ТАХАССУСӢ:**	**218**	**5232**
БФТ 01	**Таълими асосхои беморихои дарунӣ** Лоиҳаҳои тадқиқоти беморӣ дар беморҳонаи беморихои дарунӣ (шиносой, воридшавӣ, мақсад ва омӯзиши фан) Пурсиши касалиҳои дорои беморихои узвҳои нафас. Азназаргузаронии қафаси сина. Палпатсияи қафаси синаи беморони дорои беморихои узвҳои нафас. Перкуссияи қафаси сина. Аускултатсияи шуш. Синдромҳои беморихои шуш. Пурсиш, азназаргузаронии умумӣ. Азназаргузаронӣ ва палпатсияи мавқеии дил ва рагҳои хунгард. Набз, хусиятҳои он. Перкусияи дил ва дастаи рагҳо. Аускултатсияи дил. Тонҳои дил дар меъёр ва дар патология. Лағтҳои дил. Синдромҳои беморихои дил ва рагҳои хунгард дар беморони дорои нуқсони аорталӣ ва трикуспидалии. Пурсиш ва азназаргузаронии беморихои амрози узвҳои ҳозима. Палпатсияи сатҳӣ ва чуқури шикам. Пурсиш, азназаргузаронӣ, палпатсия ва	**7**	**168**

	перкуссияи беморони амрози беморихои ҷигару роҳҳои талхагузар ва беморони амрози беморихои гурда ва роҳҳои пешобгузар. Шиносӣ бо клиника. Пурсиши бемор. Қоида ва тарзи азназаргузаронии умумӣ, термометрия. Пурсиши беморихои шуш. Азназаргузаронии ва палпатсияи қафаси сина. Перкуссияи шуш (муқоисавӣ ва топографӣ). Аускултатсияи шуш. Синдромҳои беморихои шуш. Пурсиш ва азназаргузаронии беморони беморихои амрози узвҳои ҳозима. Азназаргузаронии палпатсия перкуссияи шикам. Пурсиши азназаргузаронии бемории амрози ҷигару роҳҳои талхагузар. палпатсия, перкуссия. Усули тадқиққоти беморихои гурда ва роҳҳои пешобгузар. Пурсиш, азназаргузаронӣ, палпатсия ва перкуссия. Тадқиқоти умумии пешоб. Усули тадқиқотии Нечпоренко, Зимнитский, Реберг. Усули тадқиқотии Нечпоренко, Зимнитский, Реберг. Дарси ҷамбастӣ оид ба усулҳои тадқиқоти беморихои узвҳои нафас, ҳозима, амрози ҷигару роҳҳои талхагузар, гурда ва роҳҳои пешобгузар. Пурсиши беморони амрози системаи дилу рагҳои хунгард. Азназаргузаронии умуми. Азназаргузаронии мавқеи дил. Палпатсияи дил ва рагҳои хунгард. Набз ва хусусиятҳои он. Перкуссияи дил ва рагҳо. Аускултатсияи дил. Усул ва тарзи аускултатсия. Нуқтаҳои гушкуни тонҳои дил. Тонҳои дил дар Меъёр фарқияти тони якум аз дуюм. Тағироти тонҳои дил дар патология. Лахтҳои дил. Мафхум дар бораи лахтҳои экстракардиологи, механизми пайдоиш ва намудҳои онҳо. Таснифи лахтҳои интрокардиологи, аускултатсияи лахтҳо. Алоимҳои дил.		
БФТ 02	**Ҷарроҳии умумӣ** Мукаддимаи ҷаррохӣ. Аҳамияти курси ҷарроҳии умумӣ. Усулҳои таҳқиқи беморони ҷарроҳӣ. Нақшаи таърихи беморӣ. Десмургия. Антисептика. Намудҳои антисептика. Истифодаи воситаҳои муосири антисептикӣ дар ҷарроҳия. Асептика. Манбаъҳо ва роҳҳои паҳншавии сироят. Пешгирии сирояти ҳавогию-қатрагӣ. Блоки ҷарроҳӣ, сохтор ва таҷҳизонӣ. Намудҳои рубучин. Ҷарроҳатҳо, қоида, аломатҳои сарирӣ, тасниф. Сирояти ҷаррочӣ. Марҳилаҳои раванди ҷарроҳӣ. Ёрии аввалин. Табобати ҷарроҳатҳои тозасирояшуда. Осеб ва осеббинӣ. Шикасти устухонҳо ва баромадани бугумҳо. Алоими фишори дурудароз. Ҳунравӣ. тасниф, Аломатҳои сарирӣ. Усулҳои манъ кардани ҳунравӣ. Муайянкунии дараҷаи ҳунравӣ. Таърихи хунгузаронӣ. Гурӯҳҳои хун. Усулҳои муайянкунии гурӯҳҳои хун, қоидаи Оттенберг. Резус – омил ва усулҳои муайянкунии хун. Нишондод ва зиддинишондод ба хунгузаронӣ. Таъсироти хуни чаконидашуда. усулҳо ва техникаи хунгузаронӣ. Сирояти ҷарроҳӣ. Тасниф, ташхис ва табобати сирояти шадиди фасодӣ. Беморихои шадиди фасодии пӯст ва насҷи зери он: пучак, ҳафтпӯст, ханосия, дабила, лимфангит, лимфаденит, илтиҳоби сурҳчаи пӯст. Мастит, парапроктит, хасмол. аломатҳои сарирӣ, пешгирӣ ва	**5**	**120**

	табобат. Остеомиелити гематогенӣ. Сирояти шадиди махсуси ҷарроҳӣ: кузоз, хора, реши сибирӣ, дифтерияи захм, сепсиси ҷарроҳӣ этиопатогенез, аломатҳои сарирӣ, ташхис ва табобат. Ҷарроҳатҳои сӯхта, сармозада ва осеби барқи. Тасниф, аломатҳои сарирӣ, ташхис, ёрии аввалиндараҷа ва табобат. Марҳилаи пеш аз ҷарроҳӣ. Амалиёти ҷарроҳӣ.		
БФТ 03	**Бемориҳои ҷарроҳӣ** Табобати ҷарроҳии БИД, аритмияҳо, перикардитҳо. Нуқсонҳои модарзодӣ ва пайдошудаи дил. Ихтилолҳои окклюзионии аорта ва шохаҳои он. Бемориҳои облитератсиякунандаи шараёнҳои музофотӣ (эндартериит, бемории Бюргер, бемории Рейно). Тромбоз ва эмболияҳои шараёнҳо. Бемории варикозӣ. Васеъшавии варикозии варидҳо. Тромбофлебитҳои шадид. Бемории посттромботикӣ. Осебҳои қафаси сина. Бемориҳои фасодии шушҳо ва плевра. Бемориҳои ҷарроҳии сурхрӯда.	**6**	**144**
БФТ 04	**Оториноларингология** Шиносоии дошшчӯён бо сохтори хизматрасонии ЛОР. Азхудкунии муоинаҳои аъзоҳои гӯшу гулӯ ва бинӣ. Кор бо рефлектори ҷабинӣ. Сохти анатомӣ, вазифаи бинӣ ва ҷавфҳои назди димоғӣ. Бемориҳои шадид ва музмини бинии берунаи ва ковокии бинӣ. Ҳунравии бинӣ. Фатилазании қидомӣ ва халфӣ. Хуномос ва думалӣ миёндевори бинӣ. Бемориҳои шадид ва музмини ҷавфҳои наздидимоғӣ. Усулҳои муолиҷаи консервативӣ ва ҷарроҳии синуситҳои шадид ва музмин. Оризаҳои бинизоди дохили чашм ва дохили косахонаи сар. Анатомияи болинӣ, физиология ва усулҳои тадқиқи балъум. Бемориҳои шадиди балъум (захрбодҳои шадиди якумин ва дуюмин). Думмали наздибодомак. Бемориҳои музмини балъум. Тонзиллитҳои музмин. Усулҳои муолиҷаи тонзиллити музмин. Гиперплазияи бодомакҳои ком. Аденоидҳо. Тонзиллотомия, аденотомия. Анатомияи болинӣ, физиология ва усулҳои тадқиқи ҳанҷара. Бемориҳои шадид ва музмини ханҷара. Варам ва инқибоси ҳанҷара. Анатомияи болинии гӯши беруна, миёна ва дарунӣ. Физиология ва усулҳои тадқиқи узви таҳлилкунандаи мувозинат. Бемориҳои гӯши беруна (хуномос ва перихондрити суфраи гӯш, пучаи гузаргоҳи берунаи сомеа. Осебҳои гӯш. Илтиҳоби шадиди фасодноки гӯши миёна. Мастоидити шадиди фасоднок. Усулҳои ташхис ва муолиҷа. Илтиҳоби музмини фасодноки гӯши миёна (мезотимпанит ва эпитимпанит). Лабиринтитҳо. Оризаҳои гӯшзоди дохили косахонаи сар. Менингит ва менингоэнсефалити отогенӣ. Думмали мағзи сари гӯшзод. Тромбофлебити ҷавфи сигмашакл. Бемориҳои ғайрифасодноки гӯш (назлаи гӯши миёна, отосклероз, бемориии Меъёр ва пастшунавоии сенсоневралӣ). Усулҳои ташхис ва табобатии онҳо.	**4**	**965**
БФТ 05	**Офталмология** Анатомияи клиникии чашмгӯза ва дастгоҳи ёрирасони	**4**	**96**

	узви босира бо назардошти синну сол. Усулҳои муоинаи чашм ва узвҳои ёрирасони кӯдакон ва калонсолон. Вазифаҳои биноиш бо назардошти синну сол. Рефраксия, намудҳои рефраксия, аметропияҳо, астигматизм. Аккомодатсияи чашм. Пресбиопия бо назардошти синну сол. Олусӣ. Бемориҳои пилкҳо, узвҳои ашк, коньюнктива, косахонаи чашм. Бемориҳои қарния ва булӯрак. Бемориҳои рагпарда. Садама ва сӯхтаҳои узви босира. Глаукомаи синни кӯдакӣ, ҷавонӣ ва пиронсолӣ. Қаъри чашм ҳангоми бемориҳои умумии организм.		
БФТ 06	**Бемориҳои сироятӣ** Масъалаҳои умумии бемориҳои сироятӣ. Бемориҳои сироятии рӯдагӣ: Тифи шикам. Паратифҳои А ва В. Исҳоли хунин. Амебиази рӯдаҳо. Захрсирояти аз бактерияҳои ғизо. Салмонеллезҳо. Ботулизм. Мононуклеози сироятӣ. Вабо. Ҳорӣ. Гелминтозҳо. Таби хунрез. Гулӯзиндонак. Сирояти менингококкӣ. Варача. Гепатитҳои вирусӣ А, В, С, Д, Е. ВНМО/ БПНМ. Брутселлёз. Сухтанӣ. Лептоспироз. БШРН. Зуком. Илтиҳоби ғайримукарарии шуш. Зукоми паррандаҳо. Лейшманиозҳо. Қузоз. Ҳасбаивогир. Ҳолатҳои таъчили ҳангоми бемориҳои сироятӣ. Бемориҳои сироятии ҳавогӣ-катрагӣ: Зуком ва дигар БШРН. Илтиҳоби ғайримукарарии шуш. Сирояти менингококкӣ. Гулӯзиндонак. Бемориҳои сироятии бо хунгузаранда: Варача. Табҳои хунрез. Таби Эбола. Бемориҳои сироятии ниҳоят хавфнок: Вабо. Тоун. Зоонозӣ: Бруселлез. Сухтанӣ. Ҳори. Лептоспироз. Лейшманиоз. Бемориҳои сироятии тамосӣ: ВНМО/БПНМ. Гепатитҳои вирусӣ. Қузоз. Гелминтозҳо: Тениаринхоз. Фастсиолёз. Аскаридоз. Геминолипидоз. Энтеробиоз. Ҳолати таъчилӣ: Садмаи сироятии токсикӣ. Садмаи гиповолемикӣ. Хунравӣ аз рӯдаҳо. Илтиҳоби сифокпарда (перитонит).	**6**	**144**
БФТ 07	**Дерматовенерология** Таърихи дерматовенерология. Мукаддимаи дерматовенерология. Усули ташхиси бемори бахши дерматовенерология. Унсурҳои морфологи. Пиодермия. Хоришак. Педикулёз. Бемориҳои вирусии пӯст. Сили пӯст. Пашахӯрда (бемории Боровский). Махав (Ҷузом). Кератомикозҳо. Кандидозҳо. Дерматомикозҳо. Сифилисӣ 1 ва 2 давра. Сифилисӣ 3 давра ва модарзодӣ. Уретритӣ сӯзокӣ. Уретритҳои ғайри сӯзокӣ (хламидиоз, уреаплазмоз, микоплазмоз, трихомониаз). ВНМО.	**5**	**120**
БФТ 08	**Психиатрия ва наркология, психологияи тиббӣ** Мундарича ва вазифаи психологияи тиббӣ. Марҳилаҳои асосии инкишоф, мафҳум, таъриф. Эҳсос, тасаввурот, идрок. Равандҳои ассотсиативӣ. Интеллек ва хотира. Роли эмотсия ва ирода дар сохтани шароити бароҳат ва якдигарфаҳмии табиб ва бемор. Шуур ва худогоҳӣ Таълимот дар бораи фардият. Асоси психогигиена, психопрофилактика ва психотерапия. Профилактикаи тиббӣ дар фаъолияти табиб. Хусусиятҳои умумии	**5**	**120**

	психологияи тиббӣ дар клиникаи бемориҳои дарунӣ, ҷарроҳӣ ва педиатрия. Идрок. Тафаккур. Хотира ва диққат. Интеллект. Эмотсия. Мафҳуми ирода. Шуур. Таълимот дар бораи фардият. Асоси психогигиена, психопрофилактика ва психотерапия. Профилактикаи тиббӣ дар фаъолияти табиб. Деонтология тиббӣ.		
БФТ 09	**Анестезиология ва реаниматология** Ташкил намудани хизматрасонии анестезиологию – реаниматологӣ. Дастгоҳҳо барои наркоз ва нафаси сунъӣ. Назария ва клиникаи наркоз. Усулҳои беҳискунии умумӣ бо истифодаи миорелаксантҳо. Усулҳои махсус, ки дар анестезиология ва реаниматология истифода мешаванд. Беҳискунии мавзеъӣ ва ноҳиявӣ. Усулҳои беҳискунӣ ва бедардкунӣ дар акушерӣ. Табобати вусъатнок ва реанимататсия ҳангоми ҳарқшавӣ. Табобати вусъатнок ва реанимататсия ҳангоми садамаи барқӣ. Қоидаҳои умумии реанимататсия табобати вусъатнок ҳангоми захролудшавии шадид. Табобати вусъатнок ва реанимататсия ҳангоми ҳолатҳои садмавӣ. Усулҳои соддаи реанимататсия дилу – шушҳо ва мағзи сар.	4	96
БФТ 10	**Онкология** Ташкилшавии хизмати онкологӣ. Саратони пӯст. Меланома. Саратони ғадуди сипаршакл. Омосҳои устухонҳо ва бофтаҳои мулоим. Саратони ғадуди шир. Саратони шушҳо. Саратони сурхрӯда. Саратони меъда. Саратони колоректали. Саратони рӯдаи кӯндаланг ва рӯдаи рост. Омосҳои бофтаҳои лимфоидӣ. Лимфогранулематоз. Лимфосаркома. Омосҳои репродуктиви занона. Саратони бадани ва гарданаки бачадон. Омосҳои бадсифати тухумдонҳо. Омосҳои узвҳои пешоббарор. Саратони ғадуди простатики.Саратони гурда. Саратони масона.	4	96
БФТ 11	**Травматология ва ортопедия** Травматология ва ортопедия. Усулҳои асосии ташхис ва табобати беморони ғирифтори садама. Усулҳои муоинаи беморони ғирифтори садама ва нуқсонҳои андому ҳаракат. Контрактураи буғумҳо. Маълумот дар бораи фанни осебшиносӣ ва раддодӣ. Принсипҳои асосии ташхис ва табобати маризон. Баромадагиҳои осебӣ. Осебҳои дасту пой. Баромадагиҳои модарзодии рон. Нуқсонҳои қаду комат. Сколиоз. Кағарданӣ. Оқибатҳои фалаҷи мағзисарӣ ва фалаҷи кӯдак. Остеохондропатия.	4	96
БФТ 12	**Стоматология** Фанни стоматология, мақсад ва вазифаҳои омӯзиш. Кариес, пулпит, периодонтит. Бемориҳои илтиҳобии одонтогении минтақаи ҷоғу рӯй. Периостит, остеомиелити ҷоғҳо. Абсесс ва флегмонаҳои бофтаҳои назди ҷоғӣ. Протсессҳои ғайриодонтогении илтиҳобӣ (фурункул, карбункул, номаи рӯй, саромос, реши сибирӣ). Хусусиятҳои коркарди аввалини ҷарроҳии захмҳои рӯй. Шикасти устухонҳои рӯй ва косахонаи сар. Омосҳо ва	3	72

	варамиҳои омосмонанди минтақаи ҷоғу рӯй. Принсипҳои ҷарроҳиҳои нуқсону деформатсияҳои минтақаи ҷоғу рӯй. Ҷарроҳиҳои баркарорсозии роғи модарзодии рӯй ва ком. Тармим бо бофтаҳои маҳаллӣ, бо шохаи Филатов, тармими озоди бофтаҳо.		
БФТ 13	**Асабшиносӣ** Шиносоӣ бо фанни асабшиносӣ. Сохти системаи асаб. Ҳароммағз. Сохтор, аломатҳои иллатнокӣ. Ҳиссиёти сатҳӣ ва амиқ. Усулҳои муайяни кардани ҳиссиёт. Ҳаракати ихтиёрӣ. Роҳи аҳромӣ. Роҳи ғайриаҳромӣ. Вайроншавии ҳаракати ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ. Сутуни майнаи сар. 10 ҷуфт асабҳои косахонагӣ- мағзи сарӣ. Системаи асаби нашвӣ ва мағзи калон. Сохтор, аломатҳои иллатнокӣ. Усулҳои тадиот. Бемориҳои асабҳои канорӣ ва фалаҷи шадиди атфол. Сироятҳои силсилаи асаб. Сарсонҳо (менингит) ва энсефалитҳо. Тасниф, сабаб, аломатҳои клиникӣ. Табобат ва пешгирӣ. Сактаҳо: тасниф, сабабҳои пайдоиш, механизм, аломатҳо, равиш ва табобат. Кӯмаки аввалия ҳангоми сактаҳо. Саръ ва аломатҳои ихтилоҷӣ. Захролудшавии ғизоӣ. Аломатҳои захролудшавии ғизоии силсилаи асаб. Таъсири омилҳои физикавӣ ва кимиёвӣ ба силсилаи асаб. Бемориҳои касбии силсилаи асаб.	4	96
БФТ 14	**Тибби судӣ** Саволҳои назоратӣ оиди ташкилот ва тартиботи мурофиаи тибби судӣ. Саволҳои назоратӣ оиди ташкилот ва тартиботи мурофиаи тибби судӣ дар ҶТ. Танатологияи тибби судӣ. Марг, мурдан ва аломатҳои ҷасад. Ҷарохатбинӣ аз яроқи оташфишон. Яроқҳои оташфишони ҷанги дар тибби судӣ. Осбшиносии тибби судӣ. Вайроншавии саломатӣ ва марг аз таъсири осебият. Буғикунии механикӣ, таснифи буғикунии механикӣ. Токсикология дар тибби судӣ. Мафҳуми заҳр ва заҳролудшавӣ. Ташхиси тибби судии ҷабрдида, гумонбаршуда ва дигар ашхосон. Хусусияти шаходаткунонии шахсони зинда. Муайян намудани дараҷаи зарар ба саломатӣ. Муоинаи далелҳои шайъӣ. Аҳамияти далелҳои шайъӣ дар кушодакунии ҷиноят. Муоинаи хун, мӯй, ва луоби даҳон. Марг аз таъсири омилҳои физикавӣ. Сӯхтагӣ. Осеб аз таъсири барқ. Таъсири ҳарорати паст ба организм. Марги нобаҳангом. Мақсади асосии санҷиши тибби судӣ, ҳангоми марги нобаҳангом. Муоинаи ҷасади кӯдакони навзод. Муайян намудани бачакушӣ, мафҳуми бачакушӣ. Намудҳои бачакушӣ. Кушодани ҷасад. Роҳу усули кушодани ҷасад. Эксгумасия.	4	96
БФТ 15	**Ташхиси шуоӣ ва муолиҷаи шуоӣ** Усулҳои шуоии тадқиқ: ташхиси рентгенӣ, ТК, ТМР ва ТУС, принсипи кори онҳо. Усулҳои шуоии тадқиқ: ташхиси радионуклидӣ, термография варадиология интервенсионӣ, принсипи кори онҳо. Ташхиси шуоии шушҳо. Анатомияи шуоии шушҳо. Аломату нишонаҳои	4	96

	шуоии касолати шушхо. Усулҳои ташхиси шуоии бемориҳои узвҳои ҳозима. Аломату нишонаҳои шуоии касолати роҳи меъдаву рӯдаҳо. Анатомияи шуоии скелет. Аломату нишонаҳои шуоии касолати скелет. Ташхиси шуоии системаи гепатопанкреато-билиарӣ. Ташхиси шуой дар нефрология ва урология. Ташхиси таъхирнопазири шуой ҳангоми бемориҳои шадид ва осебҳои узву системаҳои дарунӣ. Табобати шуой: принсипҳои саратоншиносии радиатсионӣ, асосҳои клиникию биологии муолиҷаи шуоии омосҳо. Дозиметрия. Табобати шуой: банақшагирии клиникию дозиметрии табобати шуой ва таъминоти технологии табобати шуой. Бехатарии радиатсионӣ дар ташхиси рентгенӣ ва радиологияи интервенсионӣ.		
БФТ 16	**Эндокринология** Тасаввуроти умумӣ дар бораи ғадудҳои секрецияи дарунӣ. Танзими секрецияҳо ва механизми таъсири гормонҳо. Шиносоӣ бо нақшаи таърихи беморӣ ва ассосҳои назорати беморияи эндокринӣ. Нуқтаи назариявии деонтологияи тиб дар эндокринология. Шиносоӣ ва истифодабарии сарчашмаҳои адабиёт оид ба масъалаҳои амалии эндокринология. Бемориҳои системаи гипоталамо-гипофизарӣ. Бемории Исенко-Кушинг (таснифот, этиопатогенез, клиника, ташхис, ташхиси тафриқӣ, табобат). Тавсири анатомӣ-физиологии ғадуди сипаршакл. Биосинтези ҳормонҳои тиреоидӣ. Ҷоғари минтақавӣ: сабаб, пайдоиш, таснифот, клиника, табобат, пешгирӣ. Низомномаи асосии Барномаи байналмилаллии муборизаи бо норасоии йод. Қонуни ҶТ «Бо йод таъмин намудани намак». Мониторинги касалиҳои норасоии йод. Гипотиреоз: омӯзиши сабаб ва пайдоиши касалӣ, тасниф, клиника, ташхиси камфаъолияти ғадуди сипаршакл. Ҷудо кардани беморон аз рӯи вазниниҳои гуногуни гипотиреозии аввала. Ташхиси тафриқии гипотиреозии аввала ва дуюма. Оризаҳо. Усулҳои табобат. Сабаб, пайдоиш, таснифоти ҷоғари нуфузноки захрогенӣ. Ҷудо кардани беморон аз рӯи ҳолатҳои вазнини тиреозахрогенӣ. Ташхиси тафриқи ҷоғари захрогении нуфузнок. Хуруҷи тиреозахрогении, сабаб, этиопатогенез, клиника, ташхис. Принсипҳои табобати ҳозиразамони ҷоғари захрогении нуфузнок ва душвории он. Пешгирии беморӣ. Хусусиятҳои анатомияи ва физиологияи устухон. Остеопороз (сабаб, тасниф, пайдоиш, ташхис, усулҳои пешгирӣ, табобат). Анатомия ва физиология ғадуди зери меъда. Диабети қанд. Омӯхтани эпидемиология, сабаб ва пайдоиши диабети қанди навъи 1 ва 2. Ҷудо кардани беморон бо зуҳуротҳои гуногуни диабети қанд, бо асос ташхис намудани бемории асосӣ ва ҳамбаста. Ташхиси тафриқӣ. Мафҳум дар бораи ангиопатияи диабетӣ, таснифи онҳо, аҳамияти ташхиси токлиникии онҳо. Микроангиопатияҳои диабетикӣ (ретинопатия, нефропатия). Нейропатияи диабетӣ. Макроангиопатияи диабетӣ. Ангиопатияи универсалӣ.	**4**	**96**

	Ангиопатияи диабетӣ бо назардошти сину сол. Омӯзиши принсипҳои асосии муолиҷаи беморони диабети қанд шакли I ва II. Табобати пархезӣ ҳамчун усули мустақили муолиҷа, муолиҷа бо доруҳои даҳонгузарӣ қандпасткунанда ва доруҳои инсулин. Тартиб додани нақшаи муолиҷаи беморони диабети қанд дар шароити беморхона ва шароити дармонгоҳӣ. Назорат дар муолиҷа. Шинос кардани донишҷӯён бо усулҳои асосии худназораткунии диабети қанд дар беморон. Муҳокимаи касалии беморон аз рӯи шаклҳои вазнини диабети қанд. Омӯзиши клиникӣ, ташхис ва муолиҷаи беморон дар ҳолатҳои таъҷилӣ. Саволҳо оиди диспансеризасия ва муайян кардани қобилияти кории беморони диабети қанд.		
БФТ 17	**Бехдошти умумӣ** Баҳои санитарии микроиқлими ҳаво. Тадқиқоти хусусиятҳои физикавии ҳаво (ҳарорат ва фишори барометрии ҳаво). Тадқиқоти хусусиятҳои физикавии ҳаво. Баҳои комплексии микроиқлимӣ. Намнокии ҳаво. ҳаракати ҳаво. Садбарги шамол (роза ветров). Таркиби кимиёвии ҳаво, муайян кардани CO_2 дар таркиби ҳавои хонаҳо. Ҳавотозакунӣ (вентилятсия). Намудҳо ва аҳамияти вентилятсия. Куби ҳавоӣ. Муайян кардани бузургии вентилятсияи табиӣ ва сунъӣ. Усулҳои ченкунии равшаннокии табии манзили зист, муассисаҳои табобатӣ ва ҷамъиятӣ. Усулҳои ченкунии равшаннокии сунъии манзили зист, муассисаҳои табобатӣ ва ҷамъиятӣ. Об ҳамчун омили саломатӣ. Аҳамияти бехдоштӣ, физиологӣ, эндемикӣ ва эпидемиологии об. Тавсифи санитарии сарчашмаҳои об обтаъминкунӣ. Принсипҳои асосии интихоби манбаъҳои обтаъминкунии хочагидорӣ-нӯшокӣ. Баҳои санитарии ва гигиении сифати об аз рӯи нишондодҳои органолептикӣ ва кимиёвӣ. Усулҳои бехтаркунии сифати об. Тозакунии об. Усулҳои бехтаркунии сифати об, безараркунии об. Муассисаҳои назоратӣ, санитарию-бехдоштии обтаъминкунӣ (ГОСТ). Баҳодоҳии об аз рӯи СД (стандарти давлатӣ). Хок. Муҳофизати санитарии хок. Усулҳои тозакунӣ ва безараркунии хок. Аҳамияти бехдошти хок. Усулҳои тадқиқи физикавию кимиёвии таркиби хок. Худтозашавии хок. Усулҳои тозакунии санитарии ҷойҳои аҳолинишин. Бехдошти ғизо. Муассисаҳои назорати санитарию бехдоштии ғизо. Асосҳои ғизои оқилона, ҳисоби сарфи энергия. Экспертизаи санитарӣ- гигиении маҳсулотҳои хӯрокворӣ: орд ва нон. Экспертизаи санитарӣ – гигиении шир, ва гӯшт. Консервакунонии маҳсулотҳои хӯрокворӣ. Баҳои бехдоштии консерваҳо ва консентратҳо. Витаминҳо ва мафҳуми онҳо дар ғизо. Бемориҳое, ки бо истеъмоли бенизомии хӯрок вобастаанд. Муайянкунии витамини «С» дар маҳсулотҳо. Ба нақшагири ҷойҳои аҳолинишин, аҳамиятии бехдоштӣ. Дида баромадани лоиҳаҳои сохтумонҳои ҷойҳои аҳолинишин. Экспертизаи санитарӣ-гигиении лоиҳаи типии беморхона. Бехдоштии	**11**	**264**

	муассисаҳои тиббӣ-профилактикӣ. Талаботи беҳдоштӣ ба тадқиқ. Талоботи гигиенӣ ба қабул ва ҷойгиркунии беморон дар муассисаҳои тиббӣ. Баҳои беҳдоштии ҳавотозакунӣ дар биноҳои ҷамъиятӣ ва истиқоматӣ (баҳодиҳӣ ба ҳавотозакунии – ветилятсия – сунъӣ ва табиӣ). Баҳои беҳдоштии равшаннокии табиӣ ва сунъӣ дар биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ. Тадқиқоти санитарии муассисаҳои табобатӣ. Инкишофёбии ҷисмонии кӯдакон ва наврасон. Усулҳои тадқиқӣ ва баҳодиҳии инкишофёбии ҷисмонӣ. Баҳои комплексии инкишофёбии ҷисмонӣ, ва омӯзиши ҷисмонии кӯдакон. Муайянкунии гурӯҳҳои саломатӣ ва тарбияи ҷисмонии кӯдакон. Экспертизаи санитарии нақшаи муассисаҳои кӯдакони томактабӣ. Экспертизаи санитарии лоиҳа мактаб. Беҳдошти шахсии кӯдакон ва наврасон. Усулҳо ва намуди обутобдиҳӣ. Беҳдошт ва физиологияи меҳнат. Омилҳои зараровари истеҳсолӣ (хасташави мондашавии бехад ва ҳоказо). Пешгирӣ. Ҷанги истеҳсолӣ. Бемориҳое, ки бо ҷанги истеҳсолӣ вобастагӣ доранд. Микроиқлими истеҳсолӣ, Ғалоғула. Ларзиш. Таъсири зараровари онҳо ба организм. Пешгирӣ. Ташкилкунии назорати санитарию беҳдоштӣ аз рӯи шароити меҳнат дар муассисаҳои истеҳсолӣ. Ташкилкунии назорати санитарию – беҳдоштӣ аз рӯи шароити меҳнат дар хоҷагии қишлоқ.		
БФТ 18	**Вогиршиносӣ** Эпидемиологияи клиникӣ. Тибби исботшуда - асоси эпидемиологияи клиникӣ. Ташкилкунии ва гузаронидани тадқиқот. Таснифи тадқиқот. Таснифи тадқиқоти эпидемиологи. Муқаддима ба статистикаи эпидемиологӣ. Тадқиқоти таҳлилӣ обсерватсионӣ. Тадқиқоти ҳодиса, назорат ва кагортӣ. «Тадқиқотҳои тасодуфкардаи назоратшаванда». Тавсифи тадқиқотҳои эпидемиологӣ. Баҳодиҳии критикӣ, маълумотҳо дар тиб. Ҷустуҷӯи иттилооти саҳеҳи тиббӣ. Ҷамъ намудани натиҷаҳои тадқиқот. Шарҳи систематикӣ ва мета-анализ. Нишондодҳои омории мета-анализ. Дастурамалҳои клиникӣ ва протоколҳо. Тибби исботшуда дар таҷрибаи клиникӣ. Хатоҳо дар тадқиқотҳо. Корфармудани технологияҳои ҳозиразамони итилоотӣ дар тадқиқотҳои эпидемиологӣ. Ҷои эпидемиология дар таркиби илмҳои тиб, маорифи тиббӣ ва тандурустии амалӣ. Омилхои асосии тиббию экологӣ ва аҳамияти он дар пайдоиши беморшавии аҳолӣ. Ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқи оиди реҷаи санитарию эпидемиологӣ дар ҶТ. Аспектҳои эпидемиологии номенкулатура ва таснифи беморихо. Масъалаҳо ва вазифаҳои шуъбаҳои эпидемиологии МДНСЭ. Ба қайдгирӣ ва ҳисоботи беморршавии аҳолӣ. Эпидемиологияи умумӣ. Се марҳилаи ҷараёни эпидемикӣ. Тавсифи андози ва сифатии ҷараёни эпидемикӣ. Марҳилаи асосӣ ва таркиби методи эпидемиологии тадқиқотӣ. Ташхиси эпидемиологӣ, назорати санитарию-эпидемиологӣ ва мониторинги иҷтимоию-гигиенӣ.	**17**	**408**

	Муқаддима ба эпидемиология. Масъалаҳо ва вазифаҳои шуъбаҳои эпидемиологии МДНСЭ. Қайд ва ҳисоботи беморшавии аҳолӣ. Асосҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ ва гайрисироятӣ. Маводҳои зиддиэпидемикӣ ва чорабиниҳо. Эпидемиологияи умумӣ. Се марҳилаи ҷараёни эпидемикӣ. Тавсифи андози ва сифатии ҷараёни эпидемикӣ. Сарчашмаи сироят. Механизмҳо ва роҳҳои гузариши сироят. Асосҳои иммунологии ваксинатсия. Фаҳмиш доир ба иммунитети фаъол ва гайрифаъол. Препаратҳо барои пешгирии махсуси бемориҳои сироятӣ. Методҳои баҳодиҳии масъуният. Мониторинги серологии сироятҳое, ки бо маводҳои иммунопрофилактикӣ идоракарда мешаванд. Ташкилкунии кори эмгузаронӣ, нигоҳ доштан ва интқоли ваксинаҳо. Техникаи гузаронидани эмкунӣ. Тақвими миллии эмкунӣ. Ғайринишондодҳо ба ваксинатсия ва эмгузаронӣ ба одамони гурӯҳҳои махсус. Ташхиси оризаҳои баъд аз эмкунӣ. Тафтиши оризаҳои баъд аз эмкунӣ. Асосҳои дезинфексия. Дезинфексия. Стерилизатсияи асбобҳои тиббӣ. Дезинсексия. Дератизатсия. Таркиби фаъолияти зиддиэпидемикӣ ва асосҳои ташкилкунии он. Назорати эпидемиологӣ. Принсипҳои асосии системаи назорати эпидемиологӣ. Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои рӯдаю меъда. Гепатитҳои вирусӣ бо механизми гузариши фекалию-даҳонӣ. Эпидемиология, пешгирӣ, назорати эпидемиологӣ. Фалач. Эпидемиология, пешгирӣ ва назорати эпидемиологӣ. Шигиллёзхо, сироятҳои рӯдагии шадид. Эпидемиология, пешгирӣ, назорати эпидемиологӣ. Эпидемиология ва пешгирии тифи шиқам. Тифи шиқам, паратифхо, салмонеллезхо. Эпидемиология, пешгирӣ, назорати эпидемиологӣ. Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои хунӣ. Хусусиятҳои эпидемиологии сирояти ВНМО. Сирояти ВНМО, сироятҳои оппортунистӣ. Эпидемиология, пешгирӣ, назорати эпидемиологӣ. Хусусиятҳои эпидемиологии гепатитҳои вирусӣ. Гепатитҳои вирусӣ бо гузариши тамосию хунии барангезанда. Эпидемиология, пешгирӣ, назорати эпидемиологӣ. Хусусиятҳои эпидемиологии бемории сироятии варача. Чорабиниҳои пешгирикунанда ва зиддиэпидемикӣ дар манбаҳои варача. Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои хавогӣ-катрагӣ. Назорати эпидемиологӣ аз болои бемориҳои сироятии идоракунанда. Хусусиятҳои эпидемиологӣ ва тавсифи сироятҳои хавогӣ-катрагӣ (зуком). Гулӯзиндонак, сулфакабӯтак. Эпидемиология, пешгирӣ, назорати эпидемиологи. Сурхча, паротит, сурхакон, обакон. Эпидемиология, пешгирӣ, назорати эпидемиологӣ. Махмалак, сирояти менингококкӣ, зуком. Эпидемиология, пешгирӣ, назорати эпидемиологӣ. Бемории сил. Эпидемиология, пешгирӣ, назорати эпидемиологӣ. Тавсифи эпидемиологии сироятҳои ниҳоят хавфнок (тоун, яраи сибирӣ). Эпидемиология ва		

	пешгирии бемориҳои сироятии ниҳоят хавфнок. Ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ. Эпидемиология ва пешгирии бемории вабо дар ҳозиразамон. Эпидемиология ва пешгирии яраи сибирӣ дар ҳозиразамон. Эпидемиология ва пешгирии қузоз ва ҳорӣ. Эпидемиология ва пешгирии брутселлёз. Хусусиятҳои эпидемиологии табларзаҳои хунрезӣ (Омскӣ, Қримӣ, бо синдроми гурдагӣ, Конго). Пешгирии он. Бемориҳои сироятии табиию манбавӣ. Эпидемиология ва пешгирии табларзаҳои хунрезӣ. Эпидемиология ва пешгирии вабо. Эпидемиология ва пешгирии брутселлёз. Эпидемиология ва пешгирии лептоспироз. Эпидемиология ва пешгирии тоун ва энсефалити канагӣ. Эпидемиология ва пешгирии лептоспироз. Чорабиниҳои зиддиэпидемикӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда. Эпидемиология ва пешгирии гелминтозҳо. Эпидемиология ва пешгирии геогелминтозҳо (аскаридоз, трихосефаллёз, стронгилоидоз). Эпидемиология ва пешгирии геогелминтозҳо (гименолипидоз, энтеробиоз). Эпидемиология ва пешгирии биогелминтозҳо (эхинококкоз, тениаринхоз, фассиоллёз). Таркиби фаъолияти зиддиэпидемикӣ ва асосҳои ташкилкунии он.		
БФТ 19	**Беҳдошти хӯрокворӣ** Фанни беҳдошти хӯрока, мақсад ва ҳадафҳои он. Намудҳои муқаррар кардани мубодилаи асосӣ ва талаботи энергетикии организми инсон. Масрафи энергетикӣ ва қувваи энергетикии хӯрок. Меъёрҳои физиологии хӯрокхӯрӣ. Намудҳои баҳодиҳии хӯрокхӯрӣ дар асоси вояи якшабонарӯзӣ. Аҳамияти гигиении сафедаҳо ба организми инсон. Методҳои баҳодиии талаботҳои физиологии сафеда барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ. Аҳамияти гигиении равғанҳо ва карбогидрадҳо дар хӯрокхӯрии аҳолӣ. Намудҳои баҳогузории талаботҳои физиологии равғанҳо ва карбогидрадҳо барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ. Аҳамияти гигиении витаминҳо ва маҳсулотҳои витаминмонанд дар хӯрокхӯрии аҳолӣ. Намудҳои баҳогузории талаботҳои физиологии организм ба витаминҳо барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ. Маводҳои минералӣ ва аҳамияти онҳо ба хӯрокхӯрии аҳолӣ. Намудҳои баҳогузории талаботҳои физиологии организм ба минералҳо барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ. Асосҳои теоретикии хӯроки ратсионалӣ. Намудҳои баҳогузории ба хӯрокхӯрии ҳозиразамона (модное питание). Талаботҳои гигиенӣ ба сифат ва бехатарии озуқаворихо. Стандартизатсия ва сертификатсияи маводҳои хӯрока. Батанзимдарории давлатии дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ ва аҳамияти гигиенӣ ва ҳуқуқии он. Талаботҳои гигиенӣ ба сифат ва бехатарии маҳсулоти аз ҳайвонҳо тайёршуда. Намудҳои баҳогузории гигиенӣ ба маҳсулоти аз ҳайвон тайёршуда. Талаботҳои гигиенӣ ба сифат ва бехатарии маҳсулоти	**17**	**408**

	растанигӣ. Намудҳои баҳогузории гигиенӣ ба маҳсулоти растанигӣ. Талаботҳои гигиенӣ ба сифат ва бехатарии маҳсулоти консервашуда. Намудҳои баҳогузории гигиени ба маҳсулоти консервашуда. Бемориҳои вобастагии алиментарӣ, равандҳои асосии пешгирии ин бемориҳо. Намудҳои муайян намудани бемориҳои вобастагии алиментарӣ. Захролудшавиҳо ва тавсияи онҳо. Пешгирии захролудшавиҳо. Тафтиши санитараю эпидемиологии ҳар як ходисаҳои захролудшавӣ. Интоксикатсияҳои бактериологӣ ва микотоксикозҳо. Пешгирии интоксикатсияҳои бактериологӣ ва микотоксикозҳо. Бемориҳое, ки бо микробҳои хӯрока вобаста буда ва бо хӯрок ба инсон мегузаранд. Пешгирии ингуна бемориҳо. Тафтиши ҳар як ходисаи беморшави аз микробҳое, ки бо хӯрок мегузаранд. Дастурамали Хадамоти назорати давлатии санитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хӯрока. Самтҳои асосии назорати давлатии санитарии дар соҳаи беҳдошти хӯрока ва манбаи меъёрҳо ва коидаҳо. Низомномаи шуъбаи беҳдошти хӯрокаи Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ҶТ. Назорати санитарӣ ҳангоми лоиҳасозӣ, азнавсозӣ ва навкунии муассисаи саноати хӯрокаи умумӣ ва савдо. Дастурамали шуъбаи беҳдошти хӯрокаи Марказҳои назорати санитарию эпидемиологии МНДСЭ шаҳру ноҳияҳо. Усули ҳуҷҷатгузории муоинаи санитарии пешакӣ. Вазифаҳои функсионалии духтури шуъбаи беҳдошти хӯрока дар МНДСЭ. Назорати санитарӣ ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти хуроқаи нав. Вазифаҳо ва ҳаҷми кори духтури санитарии шуъбаи хӯрока. Тартиб додани хулосаҳои санитарии дар асоси экспертизаи санитарии лоиҳа. Намуд ва тарзи кори духтури санитарии шуъбаи беҳдошти хӯрока. Назорати санитарӣ ҳангоми сохтмон ва қабули иншооти саноатии хӯрока. Назорати санитарии пешакии шуъбаи беҳдошти хӯрока. Назорати санитарии ҳангоми ҷори кардани протсеси технологии нав, таҷҳизоти нав, маводҳои нав ва маҳсулоти тайёр. Фаъолияти комиссияи давлати оид ба қабули муассисаҳои хӯрока. Батанзимдарории давлати дар соҳаи таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрока. Тартиб додани санадҳои муоинаи санитарӣ, пешниҳодҳои санитарӣ, қарорҳо, маълумотномаҳо, қарорҳои ҷаримабандӣ ва ғайра. Назорати санитарии дар саноатии хӯрокаи умумии амаликунанда. Назорати санитарии дар савдои хӯрокаи умумии амаликунанда. Барномаи назорати сифати истеҳсолкунӣ дар иншооти саноатии хӯрокаи умумӣ ва савдо. Дастурамали Хадамоти назорати давлатии санитарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хӯрока. Самтҳои асосии назорати давлатии санитарии дар соҳаи беҳдошти хӯрока ва манбаи меъёрҳо ва коидаҳо. Низомномаи шуъбаи беҳдошти хӯрокаи Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ҶТ.		

	Методологияи тартиб додани хулосаҳои экспертизаи лоиҳаҳо. Методологияи гузаронидани назорати санитари ҳангоми сохтмон ва қабули иншоотҳои таёр намудани маводҳои хӯрока. Методологияи гузаронидани экспертизаи санитарии технологияи нав, таҷҳизоти нав ва маводи хӯрокаи таёр. Кори комиссияи давлатӣ оид ба қабули иншоотҳои таёр намудани хӯроки умум ва савдо. Усули тартиб додани ҳуҷҷатгузорӣ оид ба назорати санитарии пешгирикунанда дар соҳаи беҳдошти хӯрока. Методологияи гузаронидани назорати санитарии пешакӣ дар иншоотҳои таёр намудани маводҳои хӯрока ва савдо. Гузаронидани назорати санитарии ҷории иншоотҳои фаъолияткунандаи хӯроки умумӣ ва савдо бо истифода аз таҷҳизоти озмоишгоҳӣ. Гирифтани намунаи хӯрок барои муоинаи лабораторӣ. Тарзи дуруст ҳондани таҳлилҳои санитарию-кимиёӣ ва микробиологии намунаҳои маводҳои хӯрока. Усули ҳуҷҷатгузории назорати санитарии пешакӣ. Назорати санитарии истеҳсоли маводи хӯрокаи нав ва маҳсулотҳои хӯрокаи нав. Методҳои омузиши хӯрокхӯрӣ дар коллективҳои муташаккилшуда. Қонунгузории санитарӣ дар соҳаи беҳдошти хӯрока (Қонун, ГОСТ, СанПиН, фармонҳо, дастурҳо ва пешниҳодҳо). Методологияи гузаронидани назорати санитарӣ дар корхонаи ширбарорӣ ва маҳсулоти ширӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарӣ дар корхонаи нонбарорӣ ва маҳсулоти нонӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарӣ дар корхонаи консервабарорӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарӣ дар ҳуҷраи хӯроктаёркунии муассисаи тиббию профилактикӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарӣ дар корхонаи ҳасиббарорӣ ва маҳсулоти аз ҳасибтаёршуда. Усули омӯзиши гӯшт ва моҳи барои дорои ҳулминтҳо. Назорати фаъолияти озмоишгоҳи истеҳсолии объекти хӯроктаёркунӣ. Методологияи қайди тафтиши ҳодисаҳои захролудшавӣ аз хӯрок бо тартиб додани хулоса ва маълумотнома.		
БФТ 20	**Беҳдошти меҳнат** Азназаргузаронии нақшаҳо ва лоиҳаҳои боасоскарда аз чиҳати иқтисодии шаҳру ноҳияҳо барои чудокунии қиссаи замин барои сохтмони иншоотҳои саноатӣ. Методологияи интихоб ва чудокунии қиссаи замин барои сохтмони иншоотҳои саноатӣ. Методологияи гузаронидани экспертизаи санитарии лоиҳаҳои иншоотҳои санитарӣ ҳам барои сохтмони нав ва ҳам барои иншооитҳои таъмиршаванда. Методологияи тартиб додани хулосаҳои санитарӣ дар асоси экспертизаи лоиҳаҳо. Методологияи гузаронидани назорати санитарӣ ҳангоми сохтмон ва кабули иншооти саноатӣ. Методологияи гузаронидани экспертизаи санитарии таҷҳизотҳои воридкардаи нави иншооти саноатӣ, экспертизаи санитарии ашё ва маводҳои тайёршуда. Методологияи гузаронидани экспертизаи	**16**	**384**

	санитарии лоиҳаи техникӣ иншооти саноати (хавотозакунӣ, рушноӣ). Методологияи тартиб додани ҳуҷҷатҳои лозимӣ барои гузаронидани назорати пешакии санитарӣ дар соҳаи беҳдошти саноатӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитрии пешакӣ дар иншоотҳои саноатӣ. Усули тартиб додани санадҳо, пешниҳодҳо оиди солимгардрнии кормандон ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои лозимӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши санитарии ҷорӣ. Муоинаи санитарии бо истифодаи асбобҳои озмоишгоҳӣ дар иншоотҳои саноатӣ (чанг, микроиқлим, моддаҳои токсикӣ). Муоинаи санитарии бо истифодаи асбобҳои озмоишгоҳӣ дар иншоотҳои саноатӣ (ларзиш, галогула, таҳлилҳои эргоноиетрӣ ва физиологӣ. Усули тартиб додани ҳуҷҷатҳои лозимӣ барои гузаронидани назорати пешакии санитарӣ дар соҳаи беҳдошти саноатӣ. Гузаронидани санҷиши якчанд иншооти сабуки саноатӣ дар шаҳри Душанбе. Гузаронидани санҷиши якчанд иншооти саноати мошинсозӣ (тракторный завод) дар шаҳри Душанбе. Кор бо ҳуҷҷатҳои қонунгузории соҳаи беҳдошти меҳнат (Қонун, ГОСТ, СанПиН, фармонҳо, дастурҳо ва пешниҳодҳо). Санҷиши шароити кории кормандони иншоотҳои саноатӣ ва таъсири омилҳои мухити зист ба саломатии кормандон. Гузаронидани назорати санитарии ҳолати гигиенӣ ва ободкунии ҳучраҳои истеҳсолӣ, санитарию маишӣ дар ҳудуди иншооти саноатӣ. Таҳлили беморшавии кормандон, тартиб ва анализи материалҳои беморшавии умумӣ ва касбӣ, муайян намудани сабаби баландравии беморишавӣ. Анализи маводҳои муоинаи тиббии кормандони иншоотҳои саноатӣ. Асос намудани чорабиниҳо оид ба паст намудани бемориҳои умумӣ ва касбӣ. Гузаронидани санҷиши комплекси бо МЧО дар бунгоҳои тиббии як катор иншоотҳои саноатии шаҳри Душанбе. Асоскунӣ ва таёркунии нақшаҳои солимгардонии шароити кории кормандон дар иншоотҳои саноатӣ. Тартиб додани накшаи чорабиниҳои солимгардонии кормандони иншооти саноатӣ (ЕКПОМ).		
БФТ 21	**Беҳдошти коммуналӣ** Фанни беҳдошти коммуналӣ, хада ва вазифаҳои асосии он. Методҳои омӯзиши вобастагии он бо дигар фанҳо. Тараққиёти таърихӣ. Методи омӯзиши ҳолати саломатии аҳолӣ аз таъсири омилҳои мухити зист. Тавсифи гиниении биосфера. Методҳои омӯзиши омилҳои мухити зист. Мақсадҳои гигиенӣ барои обтаъминкунии хочагию маишӣ. Асосҳои илмии меъёргирии сифати оби нӯшокӣ. ГОСТ «Оби нӯшокӣ». Усули муоинаи талаботи оби нӯшокӣ ба манзилҳои аҳолинишин. Асосҳои илмии меъёрдарории сифати оби нӯшокӣ. ГОСТ ва СанПин Обҳои маишиву нӯшокӣ. Усули баҳодиҳии гигиении сифати оби нӯшокӣ. Баҳодиҳии гигиени ба манбаҳои	**15**	**360**

	обтаъминкунӣ. ГОСТ «Манбаҳои обтаъминкунии марказии маишию нӯшокӣ. Усули баҳодиҳии гигиенӣ барои интихоби манбаи обтаъминкунӣ. Сонаҳои муҳофизати санитарӣ. Характеритикаи гигиении иншоотҳои обтаъминкунӣ. Баҳодиҳии гигиенӣ ба обтозакунӣ. Усули баҳодиҳии гигиенӣ ба иншоотҳое коркарди об. Баҳодиҳии гигиенӣ ба методҳои безаракунии оби нӯшокӣ. Усули баҳодиҳии гигиении иншоотҳои безараркунии обҳо. Муҳофизати санитарии объектҳои оби нӯшокӣ. Манбаҳои асосии ифлоскунии объектҳои оби нӯшокӣ. Усули муайянкунии шартҳои санитарии нишеби обҳои корезӣ. Ба меъёрдарории гигиении моддаҳои кимиёӣ дар объектҳои обӣ. (ДА) Методҳо ва нақшаҳои коркарди обҳое корезӣ. Баҳодиҳии гигиенӣ ба иншоотҳои коркардаи обҳои корезии шаҳрӣ. Методологияи баҳогузорӣ ба самаранокии коркарди обҳои корезии шаҳрӣ. Баҳдошти ҳаво. Характеристикаи умумии ифлосиҳои ҳавоӣ. Усули баҳисобгирии ифлосӣ дар ҳаво. Таъсири ифлосиҳои ҳаво ба организми аҳолӣ. Усули баҳогузорӣ ба саломатии аҳолии аз ҳавои ифлос зарардида. Ба меъёрдарории гигиении маводҳои хатарнокӣ дар ҳавои ифлосбуда. Методикаҳо таҳлили ба меъёрдарории ифлосиҳои ҳавоӣ. Чорабиниҳои умумӣ ба муҳофизати ҳаво. Методҳо баҳодиҳӣ ба ҳолати ҳаво. Беҳдошти хок. Манбаҳои ифлоскунии хок. Усули омӯзиши ҳолати саломатии аҳолӣ бо сабаби ифлосшавии ҳаво. Чорабиниҳои умумии муҳофизати хок. Тозакунии санитарии маҳалҳои аҳолинишин. Усули экспертизаи нақшаи тозакунии санитарӣ. Асосҳои гигиении ба меъёрдарории омилҳои муҳити зист. Усули баҳодиҳии гигиенӣ ба муҳити зист. Аҳамияти гигиенӣ ба равшаннокӣ ва офтобрасии биноҳои истиқоматӣ. Усули баҳодиҳии гигиенӣ ба равшаннокии сунъӣ ва табиӣ. Аҳамияти гигиении ғалоғула ва арзиш дар муҳити зист. Усули баҳодиҳии гигиенӣ ба реҷаи ғалоғула ва ларзиш дар биноҳои истиқоматӣ. Аҳамияти гигиении афканишоти электромагнитӣ. Усули баҳодиҳии гигиенӣ ба афканишоти электромагнитӣ. Асосҳои гигиении банақшагирӣ ва ободкунии МТП (ЛПУ). Усули муоинаи санитарии МТП. Принсипҳои гигиении интихоб, банақшагирӣ ва ба доира ҷудокунии маҳалҳои аҳолинишин. Усули баҳодиҳии гигиенӣ ба доираҳои муҳофизати санитарии иншоотҳои истеҳсолӣ. Мушкилиҳои гигиении урбанизатсия ва саволҳои банақшагири ва ободкунии шаҳрҳо. Усули экупертизаи санитарии лоиҳаҳои сохтмони шаҳрҳо. Саволҳои гигиении банақшагирии маҳалҳои аҳолинишини деҳот. Усули баҳодиҳии гигиении сохтмони маҳалҳои аҳолнишини деҳот. Аҳамияти гигиении инфоросохтори маҳалҳои аҳолинишин. Усули муоинаи санитарии микрорайон. Ба доира ҷудо кардани маҳалҳои		

	аҳолинишин. Усули баҳодиҳии гигиении сохтмони маҳали аҳолинишин. Конунҳои амалибуда оиди беҳдошти коммуналӣ ва меъёрҳои санитарии коммуналӣ. Усули коргузорӣ дар МНДСЭ. Гузаронидани муоинаи санитарии пешакӣ. Методикии тартиб додани санади муоинаи санитарӣ. Муоинаи санитарии пешгирикунанда дар соҳаи беҳдошти коммуналӣ. Методҳои азназаргузаронии лоиҳаҳои иншоотҳои коммуналӣ. Вазифаҳои функсионалии духтури санитарии шуъбаи беҳдошти коммуналӣ. Шиносоӣ бо низомномаи шуъбаи беҳдошти коммуналӣ дар МНДСЭ. Муоинаи санитарӣ бо истифода из асбобҳои озмоишгоҳӣ. Шиносоӣ бо озмоишгоҳи шуъбаи беҳдошти коммуналии МНДСЭ. Беҳдошти муҳити зист дар ҶТ, проблемаҳо ва роҳи ҳалли он. Усули коркарди нақшаи кори дар соҳаи беҳдошти муҳити зист. Методологияи интихоби манбаи обтаъминкунии марказонидашуда. Методологияи гузаронидани назорати санитарии ҷории манбаи обтаъминкунии руизамини бо истифода аз таҷҳизотҳои озмоишгоҳӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии ҷории манбаи обтаъминкунии зеризаминӣ бо истифода аз таҷҳизоти озмоишгоҳӣ. Методологияи экспертизаи лоиҳаҳои обтаъминкунии маҳалаҳои аҳолинишин. Методологияи муоинаи иншоотҳои коркарди обҳои боришот бо истифода аз таҷҳизотҳои озмоишгоҳӣ. Методологияи экпертизаи лоиҳаҳои канализатсиякуни ва коркарди обҳои иншоотҳои саноатӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии ҷории тозакунии санитарии маҳалҳои аҳолинишин. Методологияи экпертизаи санитарии нақшаҳои тозакунии маҳалҳои аҳолинишин. Методологияи гузаронидани назорати санитарии ҳолати ҳавои атмосферӣ дар маҳалҳои аҳолинишин. Методологияи гузаронидани муоинаи озмоишгоҳию таҷҳизотии ҳавои атмосферӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии ҷорӣ ва қабули дастгоҳҳои газтозакунӣ барои истифода дар иншоотҳои саноатӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии ҷорӣ бо истифода аз дастгоҳҳои озмоишгоҳӣ дар биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии пешакӣ ҳангоми сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ. Методологияи интихоб ва ҷудокунии ҷитъаи замин. Методологияи гузаронидани экупертизаи санитарии лоиҳаҳои иншоотҳои коммуналӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии манбаҳои афканишоти электромагнитӣ бо истифода аз дастгоҳҳои озмоишгоҳӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии манбаҳои ғалоғулаи шаҳрӣ ва ларзиш бо истифода аз дастгоҳҳои озмоишгоҳӣ. Назорати санитарии пеешакӣ оиди паст намудани таъсири афканишоти электромагнитӣ, ғалоғула ва ларшиш ба аҳолии шаҳр. Гузаронидани назорати санитарии пешаки		

	ҳангоми шаҳрсозӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии ҷорӣ дар муассисаҳои тиббию профилактикӣ бо истифода аз дастгоҳҳои озмоишгоҳӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии пешакӣ ҳангоми сохтмонӣ муассисаҳои тиббӣ-профилактикӣ. Гузаронидани назорати санитарии ҷорӣ дар муассисаҳои тиббию профилактикӣ бо истифода аз дастгоҳҳои озмоишгоҳӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии ҷории инфрасохтори маҳалаҳои аҳолинишин. Методологияи тартиб додани ҳуҷҷатгузории санитарии назорати санитарии пешакӣ ва ҷорӣ (санадҳо, хулосаҳо, протоколҳо, қарорҳои ҷаримабандӣ).		
БФТ 22	**Беҳдошти кӯдакон ва наврасон** Мақсад, вазифа ва усули фанни беҳдошти кӯдакон ва наврасон. Намудҳои муоинаи инкишофи ҷисмониии кӯдакон ва наврасон. Тараққиёти таърихӣ. Вобастагӣ бо дигар фанҳо. Баҳодиҳии инкишофи ҷисмонӣ дар асоси ҷадвали регресия. Қонунияти асосии қадкашӣ ва инкишофи организми кӯдак ва аҳамияти гигиенӣ. Методи муайян кардани сину соли шиносномавии кӯдакон ва наврасон, гурӯҳбандии кӯдакон ва наврасон аз рӯи сину сол. Инкишофи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон дар давраҳои ҳозиразамон. Акселератсия ва аҳамияти он. Намудҳои тартиб диҳии маълумотҳои оморию-вариатсионӣ ва ҷори намудани стандратҳои инкишофи ҷисмонӣ. Таъсири омилҳои муҳити зист ба саломатии кӯдакон ва наврасон. Баҳодиҳии инкишофи ҷисмонии дар асоси амплитудаи сигмалӣ. Вазъи саломатии кӯдакон ва наврасон. Баҳодиҳии инкишофи ҷисмонии дар асоси усули марказонидашуда. Омилҳое муҳити зисте, ки ба саломатии кӯдакон ва наврасон таъсир мерасонанд. Баҳодиҳии комплексӣ ба инкишоф ва саломатии кӯдакон ва наврасон. Хусусиятҳои физиологии фаъолияти кӯдакон ва наврасон. Баҳодиҳии коплексӣ ба саломатии кӯдакон ва наврасон бо ҷудо намудан ба гурӯҳҳои саломатӣ. Хусусиятҳои инкишофи мондашавӣ. Хусусиятҳои муайян намудани омодагии кӯдакон барои таҳсил дар мактаб. Асосҳои гигиении тартиб додани тартиботи рӯзи кӯдакон ва наврасон, муҳиммияти ҳар як қисмати он. Баҳодиҳии гигиенӣ ба ҷараёни таълимию тарбиявии кӯдакон ва наврасон дар муассисаҳои уммумимактабӣ. Асосҳои гигиении ташкил кардани ҷараёни омӯзиш дар муассисаҳои омӯзиши маълумоти умумӣ. Методҳои тадқиқоти физиологии қобилияти кории мактаббачагон. Талаботҳои гигиенӣ ба сарбории таълими дар мактабҳо. Намудҳои тадқиқотҳои физиологии ҳолати функсионалии системаи марказии асаби мактаббачагон. Хусусиятҳо гигиении ташкил намудани тарбияи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон. Усули назорати тиббии тарбияи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон. Тарбияи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон дар гурӯҳҳои махсуси тиббӣ. Баҳодиҳии гигиени	**13**	**312**

	ба тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои кӯдакон ва наврасон. Асосҳои гигиени ва физиологии таълими мехнати кӯдакон ва наврасон. Баҳодиҳии санитарию гигиении ҷойҳои дарсгузарии тарбияи ҷисмонии мактаббачагон. Талаботҳои гигиенӣ ба таълими касбии наврасон. Намудҳои тобёбии (закалывание) кӯдакон ва наврасон. Мақсад, вазифа ва усули фанни беҳдошти кӯдакон ва наврасон. Намудҳои муоинаи инкишофи ҷисмониии кӯдакон ва наврасон. Тараққиёти таърихӣ. Вобастагӣ бо дигар фанҳо. Баҳодиҳии инкишофи ҷисмонӣ дар асоси ҷадвали регресия. Қонунияти асосии қадкашӣ ва инкишофи организми кӯдак ва аҳамияти гигиенӣ. Методи муайян кардани сину соли шиносномавии кӯдакон ва наврасон, гурӯҳбандии кӯдакон ва наврасон аз рӯи сину сол. Инкишофи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон дар давраҳои ҳозиразамон. Акселератсия ва аҳамияти он. Намудҳои тартиб диҳии маълумотҳои оморию-вариатсионӣ ва ҷори намудани стандратҳои инкишофи ҷисмонӣ. Таъсири омилҳои муҳити зист ба саломатии кӯдакон ва наврасон. Баҳодиҳии инкишофи ҷисмонии дар асоси амплитудаи сигмалӣ. Вазъи саломатии кӯдакон ва наврасон. Баҳодиҳии инкишофи ҷисмонии дар асоси усули марказонидашуда. Омилҳое муҳити зисте, ки ба саломатии кӯдакон ва наврасон таъсир мерасонанд. Баҳодиҳии комплексӣ ба инкишоф ва саломатии кӯдакон ва наврасон. Хусусиятҳои физиологии фаъолияти кӯдакон ва наврасон. Баҳодиҳии коплексӣ ба саломатии кӯдакон ва наврасон бо ҷудо намудан ба гурӯҳҳои саломатӣ. Хусусиятҳои инкишофи мондашавӣ (утомление). Хусусиятҳои муайян намудани омодагии кӯдакон барои таҳсил дар мактаб. Асосҳои гигиении тартиб додани тартиботи рӯзи кӯдакон ва наврасон, муҳиммияти ҳар як қисмати он. Баҳодиҳии гигиенӣ ба ҷараёни таълимию тарбиявии кӯдакон ва наврасон дар муассисаҳои уммумимактабӣ. Асосҳои гигиении ташкил кардани ҷараёни омӯзиш дар муассисаҳои омӯзиши маълумоти умумӣ. Методҳои тадқиқоти физиологии қобилияти кории мактаббачагон. Талаботҳои гигиени ба сарбории таълимӣ дар мактабҳо. Намудҳои тадқиқотҳои физиологии ҳолати функсионалии системаи марказии асаби мактаббачагон. Хусусиятҳо гигиении ташкил намудани тарбияи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон. Усули назорати тиббии тарбияи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон. Тарбияи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон дар гурӯҳҳои махсуси тиббӣ. Баҳодиҳии гигиенӣ ба тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои кӯдакон ва наврасон. Асосҳои гигиени ва физиологии таълими мехнати кӯдакон ва наврасон. Баҳодиҳии санитарию гигиении ҷойҳои дарсгузарии тарбияи ҷисмонии мактаббачагон. Талаботҳои гигиенӣ ба таълими касбии наврасон. Намудҳои тобёбии (закалывание) кӯдакон ва наврасон. Методологияи гузаронидани муоинаи санитарию аз рӯи		

	фаъолияти таҳсилию тарбиявӣ дар муассисаҳои мактаби ва томактабӣ. Методологияи назорати санитарӣ аз рӯи ташкили хӯрокхӯрӣ дар муассисаҳои мактабӣ ва томактабӣ. Усули назорати санитарии гузаронидани дарсҳои меҳнат ва асосҳои бехатарӣ дар муассисаҳои мактабӣ. Усули назорати санитарӣ аз рӯи гузаронидани дарсҳои тарбияи гигиени дар муассисаҳои мактабӣ ва томактабӣ. Усули назорати санитарӣ аз рӯи гузаронидани тарбияи ҷисмонӣ дар муасисаҳои мактабӣ ва томактабӣ. Усули назорати санитарии саломатӣ ва инкишофи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон. Усули гузаронидани назорати санитарии ҷорӣ ва тартиб додани санадҳо, пешниходҳо, қарорҳо, ҷаримаҳо, маълумотномаҳо ва ғайра. Гузаронидани назорати санитарии ҷорӣ дар муассисаҳои томактабӣ бо истифода аз таҷҳизоти озмоишгоҳӣ. Гузаронидани назораъи санитарии ҷорӣ дар муасиссаҳои мактабии таҳсилоти умумӣ бо истифода аз таҷҳизоти озмоишгоҳӣ. Қонунгузории санитарӣ дар соҳаи бехдошти кӯдакон ва наврасон (Қонунҳо, ГОСТҳо, СанПин-ҳо, фармоишҳо, дастурамалҳои методӣ, пешниходҳо). Гирифтани намунаи хӯрок барои таҳлили озмоишгоҳӣ аз ҳучраи хӯроктаёркунии муассисаи томактабӣ. Методи озмоишгоҳию инструменталии озмоиши муҳити зист дар муассисаи томактабӣ (равшанокӣ, микроиқлим, хок ва ғ.). Методологияи муоинаи ҳавотозакунӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсия дар муассисаҳои мактабӣ ва томактабӣ. Методология гузаронидани назорати санитарии пешаки ҳангоми сохтмон ва реконструксияи муассисаҳои томактабӣ. Методологияи гузаронидани назорати санитарии пешакӣ ҳангоми сохтмон ва реконструксияи мактабҳои таҳсилоти умумӣ. Усули тартиб додани ҳуҷҷатгузории назорати санитарии пешакӣ дар муассисаҳои мактабӣ ва томактабӣ. Усули гузаронидани назорати санитарии таҷҳизот ва мебел дар муассисаҳои мактабӣ ва томактабӣ. Усули гузаронидани назорати санитарии ҳучраи хӯроктаёркунӣ ва буфт дар муассисаҳои мактабӣ ва томактабӣ. Усули гузаронидани назорати санитарии корхонаҳои дӯзандагии либоси кӯдакона. Омӯзиши озмоишгоҳию инструменталии либоси кӯдакона. Усули гузаронидани назорати санитарии истеҳсол ва фуруши бозичаҳои кӯдакона. Методҳои озмоишгоҳию инструменталии муоинаи бозичаҳои кӯдакона. Усули гузаронидани назорати санитарии истеҳсол ва фурӯши лавозимоти мактабӣ ва дарсӣ. Методҳои озмоишгоҳию инструменталии муоинаи китобҳои дарсӣ.		
	ФАНҲОИ ИНТИХОБӢ:	**56**	**1344**
БФТ 01	**Профпатология** Машгулияти муқаддимавӣ. Пневмокониоз. Бемориҳои вибратсионӣ (ларзонак). Захролудшавӣ бо фтор ва захролудшавии саноатӣ. Захролудшавӣ бо пестисидҳо ва	**3**	**72**

	захрҳои кимиёвӣ. Пневмокониозҳо. Силикоз. Бемории ларзишӣ. Захролудшавӣ бо сурб ва пайвастигиҳои он. Захролудшавӣ бо симоб ва пайвастигиҳои ғайриорганикии он. Захролудшавии бо фтор ва пайвастигиҳои он. Захролудшавии бо пестисидҳо ва ядохимикатҳо.		
БФТ 02	**Бемориҳои дарунӣ** Бемории фишорбаландии шараёнӣ, ташхиси тафриқавӣ, табобат. Бемории ишемикии дил. Лейкозҳои шадид. Камхунӣ. ташхис, табобат. Астмаи бронхиалӣ. клиника, табобат. Пневмония, ташхиси тафриқавӣ, табобат. Тарбод. Артирити тарбодмоманд, ташхиси тафриқавӣ, табобат. Пиелонефрити музмин. Усулҳои ташхисоти озмоишгоҳӣ. Гломеруллонефритҳо, клиника, усулҳои табобати муосир. Панкреатити музмин. Табобат. Бемории захми меъда ва рӯдаи 12 – ангушта, ташхиси тафриқавӣ, табобат.	**7**	**168**
БФТ 03	**Акушерӣ** Ташкили хадамоти ёрии валодати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ташкили нигоҳубини антеналӣ дар ҶТ. Усулҳои муоинаи ҳомиладорон ва беморони гинекологӣ. Ташхиси хомиладорӣ. Валодат. Ҷузҳои валодат. Биомеханизми валодат. Физиологияи фаъолияти валодат. Бурдани валодат. Мониторинги партографӣ. Пешомади коси тифл. Ҳомилагии бисёртифла. Хунравии акушерӣ. Хунравӣ дар вакти хомиладорӣ. Хунравӣ ҳангоми валодат ва давраи баъдивалодатӣ. Вайроншавиҳои гипертензивӣ дар мавриди ҳомиладорӣ. Ёрии таъчилӣ ва тактикаи акушерӣ ҳангоми вайроншавиҳои гипертензивӣ дар мавриди ҳомиладорӣ. Идоракунии давраи хайзӣ. Намудҳои ососии вайроншавии давраи хайзӣ. Нишонаҳои нейроэндокринӣ дар гинекология. Бемориҳои илтиҳобии узвҳои коси хурд. Бемориҳои бо алокаи ҷинси гузаранда. Кистаҳо ва кистомаҳои тухмдонҳо. Шиками шадид» дар гинекология. Миомаи бачадон. Эндометриоз. Бемориҳои заминавӣ ва пеш аз саратонии бачадон ва гарданаки бачадон. Никоҳи бенасл. Бемориҳои заминавӣ ва пеш аз саратонии бачадон ва гарданаки бачадон. Никохи бенасл. Танзими оила.	**5**	**120**
БФТ 04	**Бемориҳои кӯдакона** Мушкилоти неонатология. Фавти тифлон. Сохтори беморшавӣ. Эхёгарии навзодон. Бемории перинатали СМА. Зардшавии навзодон. Уфунатӣ ва TORHC- сироят. Накши табиб-гигиенист дар пешгирии бемориҳои мазкур. Ғизои кӯдакон. Рахит, спазмофилия, диабети фосфат. Дерматити атопӣ. Камхунии норасой дар кӯдакон. Вайроншавии музмини ғизо дар кӯдакон. Бемориҳои ин тишорёфтаи бофтаҳои пайвасткунанда (табларзаишадиди тарбодӣ, полиартритиревматодӣ ва ҷавонӣ). Нуқсони модарзодии дил. Норасогии дилу рагҳо дар кӯдакон. Бемориҳои шадиди респираторӣ вирусӣ, илтиҳоби шадиди шуш, бронхити кӯдакон. Илтиҳоби шадиди шуш.	**4**	**96**

	Аллергозҳои респираторӣ. Диққи нафас. Норасоии нафас. Илтиҳоби меъда ва бемориҳои захми рӯдаи 12 ангушта. Панкреатит. Холетсистопатия дар кӯдакон. Пиелонефрити кӯдакон. Гломерулонефрити шадид ва музмин. Бемории масона. Норасоии шадид ва музмини гурда. Гемофилия, гулафшони тромботситопенӣ, васкулити хунрез. Синдроми интишорёфтаи дохилирагии лахтабандӣ (ИДЛ).		
БФТ 05	**Бемориҳои сироятии кӯдакона** Бемориҳои шадиди сироятии роҳҳои нафас дар кӯдакон (зуком, сирояти аденовирусӣ, сирояти риновирусӣ, сирояти РС). Бемориҳои сироятии ҳавогӣ-қатравии бусуротӣ (обакон, сурхакон, сурхча, махмалак). Бемориҳои сироятии ҳавогӣ-қатравии бебусуротӣ (хуннок, сулфакабӯтак, сулфакабӯтаки қалбакӣ, сирояти баногушӣ). Бемориҳои сироятии меъдаю рӯда дар кӯдакон (исҳоли хунин, салмонеллез, эшерихиоз, доманаи шикам). Зарпарвинҳои вирусӣ. Этиология, вогириш, аломатҳои сарирӣ, ташхиси озмоишгоҳӣ, оқибати беморӣ, пешгирӣ. Варача. СВНМО/ВНМО дар кӯдакону наврасон.	**4**	**96**
БФТ 06	**Беҳдошти радиатсионӣ** Беҳдошти радиатсионӣ, мақсад ва вазифаҳои он. Асосҳои физикаи ядроӣ. Ворид шудан ба сохти атом. Радиоактивият. Коҳишёбии радиоактивӣ ва давраи нимкоҳиш. Ба вуҷуд омадани нурҳои рентгенӣ. Мутақобилаи радиатсия бо модда. Намудҳои манбаъҳои афканишоти ионофар (МАИ). Бузургиҳо ва воҳидҳои ченкунии онҳо. Манбаъҳои радиоактивии табиӣ ва сунъӣ. Радон ва роҳҳои ворид шудани он. Фони радиатсионии табиӣ. Афканишоти кайҳонӣ. Манбаъҳои ҳосилкунанда. Таъсири биологии радиатсия. Таъсири афканишоти ионофар ба ҳуҷайра. Самараҳои детерминистикӣ ва стохастикӣ. Истифода бурдани манбаъҳои афканишоти ионофар (МАИ) дар саноат, илм ва тиб. Таъмини бехатарии радиатсионӣ ҳангоми истифодаи манбаҳои афканишоти ионофар. Шартҳои (моҳиятҳои) муҳофизат аз МАИ. Манбаъҳои радиоактивии кушода ва пӯшида. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии байналмиллалӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ. (ДА) Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии ҶТ, МАГАТЭ ва МКРЗ ва г. Меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ. Назорати беҳдории пешгирикунанда ҳангоми банақшакашӣ, сохтмон ва ба истифода додани объектҳои, ки МАИ-ро истифода мебаранд. Шиносоӣ бо лоиҳа. Муҳофизати ҷисмии маводҳои ядроӣ ва радиоактивӣ. Назорати беҳдории ҷории объектҳое, ки МАИ - ро истифода мебаранд. Усули муоинаи объектҳои тиббӣ: дастгоҳҳои ренгенӣ, терапияи нурӣ, тиббӣ ядрои. Тартиб додани санади санҷиш. Мониторинги ҷойҳои корӣ ва мониторинги инфиродӣ. Шиносоӣ бо дозиметрҳо, радиометрҳо ва спектрометрҳо. Тартиб додани протоколҳои дозиметрӣ. мушоҳидаи ҳолати саломатӣ.	**4**	**96**

	Барномаи таъмини сифат ва чораҳои ворид намудани он зимни ташхиси рентгении тиббӣ, тибби ядроӣ ва муолиҷаи нурӣ. Тартиб додани протоколҳои назорати сифат аз рӯи натиҷаҳо. Муайян намудани радионуклидҳо дар муҳити зист (ҳаво, хок, об, маводҳои ғизо ва масолехи сохтмонӣ). Шиносоӣ бо озмоишгоҳи МНДСЭҶ. Ҳимояи радиатсионии аҳолӣ. Дозиметрияи инфиродӣ. Дозиметрҳои инфиродии бевосита нишондиҳанда ва ҷамъкунанда. ТЛД–дозиметрҳо. Ҳисобкунаки шуодиҳии инсон (СИЧ). Варақаи баҳисобгирии дозаҳои инфиродӣ. Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми ҳамлу нақли маводҳои радиоактивӣ. Талабаотҳои МАГАТЭ нисбати ҳамлу нақли маводҳои радиоактивӣ. Ҳолатҳои садамавӣ. Пешбинии эҳтимолияти садамаҳои радиологӣ ва рафъи оқибатҳои он (нақшаи эътино ба ба ҳолатҳои садамавӣ). Таърихи воқеаҳои ҳолатҳои садамавӣ. Мақоми танзимгари давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ. Шиносоӣ бо базаи маълумотии RASOD оид ба МАИ. Ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор. Робитаҳои байналмиллалӣ. Ташкил намудани корҳои зерсохтори радиологии МДНСЭ.		
БФТ 07	**Тандурустии ҷамъиятӣ ва саломатӣ** Асосҳои мустаҳкамкунии саломатӣ. Муайянкунандаҳои (детерминантҳои) саломатӣ. Саломатии ҷамъиятӣ. Пешгирии якумин, дуюмин ва сеюмин. Вазъи саломатӣ ва касалшавии (бемории) аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани сабабҳои бад шудани саломатӣ. Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар доираи мустаҳкамкунии саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим. Усулҳои баҳодиҳии тарзи ҳаёт ва идоракунии ташаккули тарзи ҳаёт. Муносибатҳои консептуалӣ ба мустаҳкамкунии саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим. Муносибатҳои муосир оид ба мустаҳкамкунии саломатӣ ва пешгирии бемориҳо. Технологияи тағйирёбии рафтори одам. Усулҳои муайян намудани омилҳои таваккалии рафтор. Муайян намудани профили шахсии саломатӣ. Усулҳои омӯзиши омилҳои рафторӣ, ки ба саломати зарар мерасонанд. Ташаккули тарзи ҳаёти солими аҳолӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазир, дар шароити муосир. Технологияҳои муосири ташаккули тарзи ҳаёти солим. Истифодабарии маводҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим. Усулҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим. Технологияҳои комуникатсионӣ дар ташаккули тарзи ҳаёти солим. Гузаронидани чорабиниҳо оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ ба воситаи васоити ахбори омма (ВАО). Тайёр намудани тренерон ва фаъолон оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим. Усулҳои гузаронидани кори санитарию маърифатӣ. Гузаронидани чорабиниҳо оид ба таблиғоти тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ. Усулҳои баҳодиҳии сатҳи дониши аҳолӣ оид ба мустаҳкамкунии	**7**	**168**

	саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим. Рушди хадамотҳои тандурустии ҷамъиятӣ. Усулҳои гузаронидани чорабиниҳо оид ба пешгирии бемориҳои шадиди сироятӣ ва ғайрисироятӣ. Гузаронидани чорабиниҳо оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни наврасон. Чорабиниҳо оид ба маҳдуд намудани тамокукашӣ ва кам намудани сӯиистифодаи машруботҳои спиртӣ.		
БФТ 08	**Беҳдошти ҳарбӣ** Фан, вазифа, мақсади беҳдошти ҳарбӣ ҳамчун соҳаи тиб. Ҷанбаҳои ҳуқуқии муҳофизати хизматчиёни ҳарбӣ. Назорати санитарӣ-эпидемиологии давлатӣ дар қушунҳо. Ташкили назорати санитарӣ-гигиенӣ ва эпидемиологӣ аз рӯи ҷобаҷогузории қушунҳо дар замони осоишта ва ҷангӣ. Тафтишоти беҳдоштӣ ва баҳо додан ба микроиқлим аз рӯи шароити буду бошти хизматчиёни ҳарбӣ дар ҷойҳои ҷойгиршавӣ. Ҳавоивазкуни дар биноҳои иншоотҳои ҳарбӣ. Аҳамияти санитарию-беҳдоштии тозакунии маҳали ҷойгиршавии қушунҳо. Асосҳои ташкил намудан ва гузаронидани назорати санитарӣ аз рӯи ғизо дар қушунҳо. Намудҳои озӯка. Хусусияти ғизо дар давраи ҷанг. Пешгирии захролудшавии озӯқаворӣ ва гиповитаминозҳо дар байни хизматчиёни ҳарбӣ. Экспертизаи маҳсулоти хӯрокворӣ. Назорати санитарию гигиенӣ аз рӯи обтаъминкунии қушунҳо дар замони осоишта ва ҷангӣ. Минтақаҳои санитарии муҳофизатии манбаҳои обтаъминкунӣ. Беҳтар намудани сифати об дар шароити саҳроӣ. Лавозимоти табелӣ барои тоза ва безараргардонии об дар шароити саҳроӣ. Беҳдошти меҳнати хизматчиёни ҳарбӣ дар вақти кор бо афканишоти электромагнитии (ғайриионизатсионӣ) майдони электрикӣ ва магнитӣ. Беҳдошти меҳнати хизматчиёни ҳарбӣ дар вақти кор бо моеҳои техникӣ. Усулҳои тадқиқотии ифлосшавии ҳавои муҳити корӣ бо маводҳои зарарнок. Намудҳои ҷобаҷогузории қушунҳо дар замони осоишта ва ҷанг. Талаботҳо ба минтақа. Шаҳрчаи ҳарбӣ. Казарма. Талаботҳои санитарию гигиенӣ ба шароити микроиқлим дар казармаҳо. Ҳавоивазкунӣ дар биноҳои иншоотҳои ҳарбӣ. Ҳисоби ҳаҷми ҳавоивазкунӣ барои 1 одам. Ҳисоби ҳавоивазкунӣ дар паноҳгоҳҳо. Назорати санитарию эпидемиологӣ аз рӯи тозакунии ҷойҳои бошиши қушунҳо. Беҳдошти шахсии хизматчиёни ҳарбӣ. Беҳдошти ғизои қушунҳо. Намуди озӯқаворӣ. Таркиби шабонарӯзии озӯқаворӣ афсарон. Хусусияти ғизои қушунҳо дар замони ҷанг. Профилактикаи гиповитаминозҳо. Ҳисоби сарфи нерӯӣ. Тартиб додани номгӯ – тақсимоти озӯқаи афсарӣ. Вазифаи хизмати тиббӣ аз рӯи назорати ғизои қушунҳо дар замони осоишта ва ҷанг. Усулҳои экспертизаи маводи ғизоӣ. Беҳдошти обтаъминкунии қушунҳо дар замони осоишта ва ҷанг. Хадамотҳое, ки барои таъминоти обтаъминкунии қушунҳо вазифадоранд. Усулҳои тадқиқотии нишондодҳои органолептикӣ, физикавӣ ва кимиёвии сифати об. Усулҳои беҳтар	4	96

	намудани сифати об: тозакунӣ ва безараргардонии об дар замони осоишта ва ҷанг. Асосҳои назорати санитарию гигиенӣ аз рӯи шароити меҳнат дар қушунҳои бронетанкӣ. Асосҳои назорати санитарию гигиенӣ аз руи шароити меҳнат дар қушунҳои радиотехникӣ. Аз чое ба чое гузаштани қушун ва чорабиниҳои беҳдоштӣ.		
БФТ 09	**Биостатистика** Муқаддимаи биостатистика. Ташкил намудани тадқиқоти оморӣ. Бузургиҳои нисбӣ. Қатори тағйирёбанда, бузургиҳои миёна, тамоюли миёнаи квадратӣ ва коэффитсенти тағйирёбӣ. Баҳодиҳии эътимоднокии бузургиҳои миёнаи нисбӣ ва фарқияти натичаҳои тадқиқоти оморӣ. Баходхии эътимоднокии фарқияти гурӯҳҳои муқоисашаванда аз рӯи меъёри мувофиқат Хи-квадрат. Усули интихобӣ дар тадқиқоти оморӣ. Стандартизатсияи нишондиҳандаҳо. Ченкунии алоқаи байни ҳодиса ё ин ки хислат. Кореллятсия. Коэффисиенти регрессӣ. Қаторахои динамикӣ ва таҳлили он. Тасвири графикӣ.	4	96
БФТ 10	**Вогиршиносии ҳарбӣ** Мустақилияти инкишофи раванди эпидемиявӣ дар қушунҳо. Роҳҳои интиқол додан ва баровардани сирорят аз кушунҳо. Сохтори беморшавии сироятӣ. Таъсири яроқи катли ом ба сохтори талафотҳои санитарӣ аз бемориҳои сироятӣ. Таъсири яроқи катли ом ба сохтори талафотҳои санитарӣ аз бемориҳои сироятӣ. Беморшавии сироятии ҳайати шахсӣ. Омилҳои дохилии инкишофи равандҳои эпидемиявӣ дар қушунҳо. Хусусиятҳои таъсири иллатноккунандаи воситаҳои биологӣ. Талафотҳои бебозгашт ва санитарӣ аз бемориҳои сироятӣ. Мафҳуми яроқи биологӣ ва роҳҳои истифодабарии он. “Таҷзияи” физикӣ ва биологии аэрозол. Усулҳои баҳодиҳии ҳолати эпидемикӣ дар кушунхо ва дар минтака. Таҳлили ретроспективии эпидемиологӣ, Таҳлили фаврии эпидемиологӣ ва муоинаи лонаҳои эпидемиявӣ. Меъёрҳои баҳодиҳии ҳолати санитарию эпидемиологии қушунҳо ва макони ҷойгиршавии (амалиёти) онҳо. Разведкаи санитарию эпидемиологӣ. Баҳодиҳии самаранокии чорабиниҳои зиддиэпидемиявӣ ва сифати кори муҳофизати зиддиэпидемиявии қушунҳо. Разведкаи биологӣ (бактериологӣ)-и Индикатсияи ЯБ. Фаъолияти корманди тиббӣ дар қушунҳо ҳангоми ошкор намудани сироятҳои махсусан хатарнок (тоун, вабо, чечак). Истифодаи костюмҳои зиддитуонӣ (чор навъи костюмҳо). Сохтори ташкилии муҳофизати зиддиэпидемиявӣ ва зиддибактериологии қушунҳо. Муассисаҳои санитарию эпидемиологӣ. Маҷмӯи чорабиниҳои зиддиэпидемиявӣ. Монеаи зиддиэпидемикӣ дар роҳҳои эвакуатсия. Чорабиниҳои алоҳида нигоҳдорӣ ва муолиҷавию ташхисӣ дар шароитҳои ҷойгиркунонии статсионарии қушунҳо.	4	96

	Ташкил намудани хизматрасонию муолиҷавии беморони сироятӣ дар қушунҳо ва истифодаи нақлиёти санитарӣ. Марҳилаҳои сафарбарии тиббӣ дар системаи муҳофизати зиддиэпидемиявӣ ва зиддибактериологии қушунҳо. Чорабиниҳои реҷавию маҳдудкунанда дар системаи муҳофизати зиддиэпидемиявӣ ва зиддибактериологии қушунҳо. Чорабиниҳои хадамоти ҳарбию тиббӣ дар манбаъҳои ғайриқушунии эпидемиявӣ. Чорабиниҳои бойторию санитарӣ. Чорабиниҳои санитарию бехдоштии сати зиддиэпидемиявӣ. Гандзидоии қушунҳо, дезинсексия, дератизатсия, коркарди санитарӣ ва махсус. Безараргардонӣ дар манбаъҳои ЯБ. Корҳои ташкили автомобили мутаҳаррики гандзидой-сарикассӣ (ДДА - 66). Иммунопрофилактика дар системаи муҳофизати зиддиэпидемиявӣ ва зиддибактериологии қушунҳо. Профилактикаи фаврӣ дар системаи муҳофизати зиддиэпидемиявӣ ва зиддибактериологии қушунҳо. Тадқиқотҳои озмоишгоҳӣ. Корҳои санитарию маърифатӣ дар қушунҳо.		
БФТ 11	**Варзиши муолиҷавии тиббӣ** Фан ва вазифаҳои варзиши табобатӣ. Барқароршавӣ – мафҳумҳои асосӣ. Асосҳои умумии варзиши муолиҷавии тиббӣ (ВМТ). Манфиати ВМТ. Таснифоти машқҳои ҷисмонӣ. Моҳияти таъсирнокии машқҳои ҷисмонӣ ба организм. Бозиҳо ҳамчун маводҳои ВМТ. Машқҳои варзишӣ-амалӣ. Омилҳои устувосозӣ (обутобдиҳӣ). Шаклҳои ВМТ. Гимнастикаи гигиении пагоҳирӯзӣ ҳамчун шакли ВМТ. Муолиҷаи гимнастикаи табобатӣ ва қисмҳои тартибдиҳандаи он, принсипҳои сохтор ва маводҳои ВМТ. Усул ва қоидаҳои гузаронидани ВМТ. Усулҳои гузаронидани машғулиятҳо. Терренкур. Эрготерапия. Масҳ. Таснифоти масҳ. Усулҳои маҳскунӣ, нишондод ва ғайринишондод. Хусусиятҳои таъиноти ВМТ ҳангоми як қатор патологияҳо. ВМТ ҳангоми бемориҳои системаи дилу рагҳо, шушҳо, роҳҳои нафас, бемориҳои дастгоҳи такяву ҳаракат. Назорати табобатӣ. Вазифа ва мақсади варзиши муолиҷавӣ дар диспансеркунонии аҳолӣ. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар мустаҳкамкунии саломатӣ, пешгирии беморӣ ва баланд бардоштани қобилияти корӣ.	3	72
БФТ 12	**Урология** Физиологияи клиникии гурдаҳо ва роҳҳои болоии пешобгузар. Алоимшиносии (симптоматологияи) касалиҳои урологӣ. Усулҳои тадқиқот. Ташхисоти рентгенологӣ. Ташхисоти радиоизотопӣ. Инҳирофи инкишофи роҳҳои пешобгузар. Осеби роҳҳои пешобгузар. Осебшавии узвҳои системаи пешобу таносул. Осеби гурда. Осеби пешобдон. Осеби маҷрои пешобрез. Осеби узвҳои хоядон. Осеби олати мардӣ. Беморихои илтиҳобии ғайрихусусӣ ва хусусии роҳҳои пешобгузар. Пиелонефрит. Мавтшавии пистонакҳои гурда. Туберкулёзи узвҳои	3	72

	системаи пешобу таносул. Ташкил намудани муболиза зидди туберкулёзи узвҳои пешобу таносул. Актиномикоз. Шистоматози узвҳои пешобу таносул. Бемории санги пешоб. Сангҳои гурда ва ҳолибҳо. Санги пешобдон. Омоси роҳҳои пешобгузар. Омосҳои гурда. Омосҳои фазои паси сифок. Омосҳои пешобдон. Омосҳои маҷрои пешобрези мардҳо ва занҳо. Аденома ва саратони ғадуди простата. Норасоии шадид ва музмини гурдаҳо. Фишорбаландии гурдавӣ (нефрогенӣ). Ҳолатҳое, ки ёрии таъҷилиро талаб менамоянд: Халаи гурдай. Ҳематурия (пайдо шудани хун дар пешоб). Касалиҳои илтиҳобии шадид. Анурия.		
БФТ 13	**Фтизиатрия** Таърихи инкишофи фтизиатрия, сабабҳо ва пайдоиши бемории сил, эпидемиологияи бемории сил. Мафҳуми бемории сил. Таърихи пайдоиши бемории сил ҳамчун бемории иҷтимой. Пешгирии махсуси бемории сил, ваксинаи БСЖ. Ҳуҷҷатҳои директивии қабулшуда дар ҶТ конуни ҶТ оид ба ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил. Фармонҳои Вазорати ҶТ ва пешниҳоди ТУТ оид ба табобати шакли мутобиқгаштаи сил. Роҳҳои дарёфти бемории сил, ташхиси бактериологии сил, ташхиси туберкулинӣ тавсифи туберкулин ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи он, шакли мутобиқгаштаи сил. Роҳҳои дарёфти бемории сил, ташхиси бактериологии сил, ташхиси туберкулинӣ тавсифи туберкулин ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи он. Назорати сироятӣ. Чорабиниҳои назорати сироятӣ. Таснифи клиникии бемории сил. Шаклҳои аввалиндараҷаи сил. Сили заҳролудии кӯдакон ва наврасон. Маҷмӯаи ибтидоии силӣ, сили лимфағадудҳои дохилии кафаси сина, шаклҳои клиникӣ ва рентгенологии он. Оризаҳои сили аввалиндараҷа. (Сили бронхҳо, пучшавии шуш). Сили пошхӯрдаи шуш. Сабаб ва имроз, клиника, табобат ва ташхиси тафриқавӣ бо дигар бемориҳои шушӣ (саркоидоз, канцероматоз, силикоз, илтиҳоби дутарафаи шуш). Сили пардаҳои нарми магзи сар. Хосияти моеи ҳароммагз. Клиника, ташхис, ташхиси тафриқавӣ, табобат. Сили дуюминдараҷаи шуш. Сили ҷузъии шуш, сили иртишоҳии шуш, думали силии шуш. Клиника, ташхис, ташхиси тафриқавӣ, табобат. Шаклҳои деструктивии бемории сил. Сили ковокидор, сили лифсору ковокидори шуш, сили талаюфии шуш. Клиника, ташхис, ташхиси тафриқавӣ, табобат. ВНМО ва беморни сил. Накшаҳои асосии ТЗРВ шиёзмандони мубталои сирояти муштараки БС+ ВНМО. ШМС ва табобати он. Табобати бемории сил. Тавсифи доруҳои зиддисилии қатори якум ва дуюм. Стратегияи Дурнамои «Бозисти сил». Сили рӯдаҳо, сили лимфағадудҳои шикампарда, перитонити силӣ. Клиника, ташхиси тафриқавӣ, табобат ва оқибатҳо. Сили устухон ва буғумҳо. Клиника, ташхиси тафриқавӣ, табобат ва оқибатҳои он. Оризаҳои сили шуш (хунравӣ аз шуш,	**4**	**96**

	норасоии кори дилу шуш). Табобати ҷарроҳии сили шуш. Коллапсотерапия.		
V.	**БАХШИ КОРҲОИ ҒАЙРИАУДИТОРӢ**	**30**	**720**
БКҒА 01	**Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ**	**24**	**576**
БКҒА 02	**Аттестатсияи хатм**	**6**	**144**
ҲАМАГӢ		**420**	**10080**

7.ТАЛАБОТ БА ШАРТҲОИ ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

7.1 Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нақшаҳои кории таълим, барномаи кории фан (силлабус), нақшаҳои фардии таълими донишҷӯён, номгӯи фанҳои элективӣ (интихобӣ), модулҳо ва дигар маводи таъминкунандаи раванди таълим, тақвими академӣ, барномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, номгӯи ва тарзи қабули корҳои мустақилона, услуб ва технологияи таълимро мустақилона таҳия ва тасдиқ менамояд.

Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки ҳамасола нақшаи кории таълимро бо назардошти рушди илми тиб, техника, фарҳанг, иқтисодиёт, технология ва соҳаи иҷтимоӣ таҷдиди назар намояд.

7.2. Ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯ дар раванди таълим бояд бо истифодаи усулҳои интерактивии гузаронидани семинар, мастер-классҳо дар реҷаи муколама, моделкунонии компютерӣ ва таҳлили амалии натиҷаҳо, баҳсҳои илмӣ, корҳои таҳқиқотии донишҷӯён, конференсияҳо ва корҳои берун аз аудиторӣ ба роҳ монда шавад. Дар доираи омӯзиши курсҳои таълимӣ бояд гузаронидани воҳӯриҳо бо намояндагони ширкатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, коршиносон ва мутахассисон пешбинӣ карда шавад.

7.3. Мавзӯъ ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ бояд тавре муайян карда шавад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимии онҳо сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ ташаккул ёбад. Натиҷаи азхудкунии барномаи таълимии фанҳо тибқи талаботи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

7.4. 25-30 фоизи барномаи таълимиро фанҳои интихобӣ дар бар мегиранд. Тартиби ташкили фанҳои интихобӣ бо қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

7.5. Ҳадди аксари ҳаҷмии сарбории таълимии донишҷӯ дар як ҳафта бо дарназардошти ҳамаи шаклҳои корҳои таълимии аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ бояд аз 2 кредит (48 соат) зиёд набошад.

7.6. Ҳаҷми кредити машғулиятҳои аудитории донишҷӯ дар шакли таҳсили рӯзона дар як ҳафта 1,5 кредит (36 соат) -ро ташкил медиҳад.

7.7. Ҳаҷми умумии вақти таътил дар соли таҳсил бояд на камтар аз 7 ҳафта, аз он ҷумла дар давраи зимистон 2-ҳафтаро ташкил диҳад.

Маҷмӯи буҷаи вақт

Муҳлати таҳсил	**6 сол**
Таълими назариявӣ	217 ҳафта

Сессияи имтиҳонӣ	17 ҳафта
Таҷрибаомӯзӣ, аз он ҷумла: - истеҳсолӣ	16 ҳафта
Лексияҳои ниҳоӣ	2 ҳафта
Аттестатсияи хатм	4 ҳафта
Таътил	56 ҳафта
Ҳамагӣ:	**312 ҳафта**

7.8. Ҳуқуқ ва вазифаҳои донишҷӯ:

- дар нақшаи таълимии фардӣ дарҷ намудани 100% фанҳои хатмие, ки омӯзиши онҳо ба як соли таҳсил рост меояд;

- номнавис шудан ба омӯзиши фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ дар ҳаҷми 70 кредит дар як соли таҳсил.

- донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки дар соли таҳсил ба теъдоди фанҳое, ки ҳаҷми умумии меҳнатталабии азхудкунии барномаҳои таълимии онҳо зиёда аз 70 кредитро ташкил медиҳанд, номнавис шавад. Дар ин ҳолат бо назардошти бомуваффақият иҷро намудани нақшаи таълимии фардии худ (дар давоми даври академӣ азхуд намудани 70 кредит ва дар триместр - миқдори иловагии кредитҳо) ӯ метавонад муассисаи таҳсилоти олии касбиро пеш аз муҳлати тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқарраргардида хатм намояд;

- дар давраи таҳсил донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки тамоми фанҳои таълимиро мувофиқи нақшаи таълимии фардии тасдиқшуда азхуд намояд;

- ҳангоми ташаккули барномаи таълимии фардии худ таълимгирандагон ҳуқуқ доранд, ки мувофиқи хоҳишашон аз рӯи фанни дилхоҳ (модул) дар донишгоҳ машварат бигиранд, ки ба таҳассуси ояндаи онҳо ҳангоми БТ-и тайёрии мутахассис ёрӣ мерасонад;

- донишҷӯ дар ҳолати аз дигар муассисаи таҳсилоти олии касбиро интиқол ёфтанаш ва ҳангоми мавҷудияти ҳуҷҷатҳои дахлдор дар асоси аттестатсия фанҳои азхудкардаашро дар ҳуҷҷат аз нав сабт менамояд;

7.9. Тибқи талаботи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ гузаштани донишҷӯ аз таҷрибаомӯзиҳо, ки ба омодагии касбии ӯ равона карда шудааст, ҳатмӣ мебошад. Навъи мушаххаси таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, истеҳсолӣ)-ро барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад. Ҳангоми ҷорӣ намудани БТ-и тайёрии мутахассисон доир ба самти мазкур (ихтисос) навъҳои зерини таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ мешаванд:

Таҷрибаомӯзии таълимӣ:

- нигоҳубин ба беморони калонсол ва кӯдакони соҳаи терапевтӣ ва ҷарроҳӣ (дар курси і нимсолаи якум),

Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ:

- ёрдамчиии ҳамшираи шавкати хуҷраи беморон - 4 ҳафта пас аз семестри чорум;

- ёрдамчии ёрии таъҷилӣ - 2 ҳафта баъд аз семестри шашум;

- ёрдамчии лаборанти озмоишгоҳи клиникии муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ ва озмоишгоҳҳои муассисаҳое,ки ичрои фаъолияти худро бо мақсади таъмини назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар ҶТ - 2 ҳафта

баъд аз семестри 6-ум;

- ёрдамчии духтури МТП (табобатӣ, ҷарроҳӣ, тиббиӣ-гинекологӣ) - 4 ҳафта пас аз семестр ҳаштум;

- ёрдамчии духтур-мутахассиси муассиса, ки фаъолияти худро бо мақсади назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ таъмин менамояд ва мутахассис ба вазифаи назорат дар соҳаи таъмини беҳбудии санитарӣ- эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва бозори истеъмолӣ - 4 ҳафта баъд аз семестри 10-ум.

Мақсаду вазифаҳо, барномаҳо ва тарзи ҳисоботдиҳӣ вобаста ба навъҳои таҷрибаомӯзӣ аз тарафи донишгоҳ муайян карда мешавад.

Таҷрибаомӯзии берун аз донишгоҳ дар ташкилотҳои илмӣ ва тиббие гузаронида мешавад, ки дорои мутахассисони ботаҷриба ва кормандони илмию техникӣ буда, фаъолияти асосии онҳо мавҷудияти объектҳо ва навъҳои фаъолияти касбии хатмкунандагонро доир ба самти мазкур муайян менамояд ва ё дар кафедраву клиникаи донишгоҳ гузаронида мешавад.

Аттестатсияи натиҷаи таҷрибаомӯзӣ мутобиқи талаботҳои муқарраргардидаи ҳисоботи хаттии роҳбари таҷрибаомӯзии корхона гузаронида мешавад. Пас аз анҷоми аттестатсия ба донишҷӯ баҳо гузошта мешавад.

Кори илмӣ-тадқиқотӣ қисмати ҳатмии БТ-и тайёрии мутахассисон ба ҳисоб меравад. Он мутобиқи талаботҳои стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба ташаккули ҳаматарафаи салоҳиятнокии умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва касбии таълимгирандагон муқаррар гардидааст.

Ҳангоми таҳияи барномаи кори илмӣ-тадқиқотӣ муассисаи таълимии олии касбӣ ба донишҷӯ имкониятҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- омӯзиши адабиёти махсус ва иттилооти дигари илмӣ-техникии соҳаи дахлдор доир ба дастовардҳои илму техникаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ;
- иштирок дар гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ё ичрои коркарди техникӣ;
- ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва мураттабсозии иттилооти илмӣ-техникӣ вобаста ба мавзӯъ (супориш);
- таҳияи ҳисобот (қисматҳои ҳисобот) вобаста ба мавзӯъ ё қисматҳои алоҳидаи он (давра ва супориш);
- маърӯза дар конференсияҳо.

7.10. Татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд аз ҷониби мутахассисони фанни тадрисӣ таъмин карда шавад. Саҳми омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд на камтар аз 50 фоиз бошад. Аз ҷумла, на камтар аз 10%-ро докторони илм ташкил диҳанд.

Аз миқдори умумии муаллимон 10%-и онҳое, ки дараҷаи илмӣ ва (ва ё) унвони илмӣ доранд, метавонанд аз тарафи омӯзгорони доир ба тахассуси мазкур собиқаи коридошта ва ё аз тарафи онҳое, ки зиёда аз 10 сол инҷониб мутахассиси варзида ба ҳисоб мераванд, иваз карда шаванд.

Роҳбарии умумии тайёрии назариявӣ ва амалии мутахассисонро корманди асосии илмӣ-педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҷо меорад, ки дараҷаи илмии доктор ва ё номзади илм, унвони илмии профессор ва ё дотсент, инчунин на камтар аз 3 сол собиқаи корӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дошта бошад.

Барои роҳбарӣ ба тайёрии назариявӣ ва илмии тахассусӣ метавонад мутахассиси баландихтисоси соҳаи мазкур ҷалб карда шавад.

7.11. Ташкили раванди таълим тибқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд бо маводи таълимӣ-методии фанҳои тадрисшаванда пурра таъмин ва дар шабакаи дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷойгир карда шавад.

7.12. Донишҷӯ бояд ба шабакаи китобхонаи электронӣ дастрасӣ дошта бошад. Фонди китобхона бо нашрияи чопӣ ва электронии адабиёти асосии таълимӣ, аз ҷумла нашрияҳои 10 соли охир ба ҳисоби на кам аз 25 нусха барои ҳар 100 нафар донишҷӯро дар бар гирад.

7.13. Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳаҷми маблағи таҳсилро муайян мекунад.

7.14. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд дорои пояи моддӣ-техникӣ, озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ бошад. Миқдори ҷойҳои нишаст дар синфхонаҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳо бояд ба теъдоди донишҷӯён мувофикат намояд.

7.15. Дар он муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки хизмати ҳарбӣ ё (ва ё) хизмати ҳифзи ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, давомнокии давраи таътили донишҷӯён мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқие муқаррар карда мешаванд, ки тартиби гузаштани хизмати ҳарбиро ба танзим меорад.

7.16. Барномаи таълимии тайёрии мутахассисони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд семинар, машғулиятҳои лабораторӣ машғулиятҳои амалӣ ва машғулиятҳои амалии клиникиро аз рӯи асосҳои фаннӣ фаро гирад, ки ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои тиббии донишҷӯён мусоидат менамояд:

- семинарҳо (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) оид ба фалсафа, биоэтика, ҳуқуқ, таърихи халқи тоҷик, таърихи тиб, иқтисодиёти назариявӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, географияи Тоҷикистон бо асосҳои демография, назарияи иктисодӣ;

- машғулиятҳои лабораторӣ (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) аз фанни физика, кимиё ва биохимия;

- машғулиятҳои амалӣ - (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) аз фанни биология, анатомияи одам, гистология, эмбриология ва ситология, физиологияи нормалӣ, микробиология, вирусология, иммунология, фармакология, анатомияи патологӣ, физиологияи патологӣ, эпидемиология, забонҳои русӣ, тоҷикӣ, хориҷӣ ва лотинӣ, беҳдошт ва экология, нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ, тарбияи ҷисмонӣ, технологияи информатсионӣ, экология, мудофиаи шаҳрвандӣ; вогиршиносӣ, беҳдошти хӯрокворӣ, беҳдошти меҳнат, беҳдошти коммуналӣ, беҳдошти кӯдакон ва наврасон; беҳдошти радиатсионӣ, беҳдошти харбӣ, биостатистика, вогиршиносӣ ҳарбӣ;

- машғулиятҳои амалии клиникӣ - (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) ҳангоми омӯзиши фанҳои клиникӣ гузаронида мешаванд – таълими асосҳои бемориҳои дарунӣ, акушерӣ ва гинекологӣ, анестезиология ва реаниматология, бемориҳои ҷарроҳӣ, бемориҳои дарунӣ, бемориҳои кӯдакона, дерматовенерология, ҷарроҳии кӯдакона, бемориҳои сироятӣ, бемориҳои сироятии кӯдакона, неврология ва генетикаи тиббӣ, ҷарроҳии умумӣ, онкология, оториноларингология, офталмология, ташхиси шуоӣ ва муолиҷаи шуоӣ, психиатрия ва психологияи тиббӣ, стоматология, травматология, ортопедия ва

ҷарроҳии саҳроӣ, эндокринология, бемориҳои касбӣ, урология, фтизиатрия, варзиши муолиҷавӣ ва назорати тиббӣ, тибби судӣ.

7.17. Барномаи таълимии тайёрии мутахассис бояд бо ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методии ҳамаи курҳои таълимӣ, фанҳо (модулҳо)-и БТ таъмин карда шаванд. Муҳтавои ҳар яке аз ин фанҳо бояд дар сомонаи донишгоҳ ва ё дар шабакаҳои дигари муассисаҳои таълимӣ ҷой дода шаванд.

7.18. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии, ки Барномаи таълимии тайёрии мутахассисонро амалӣ менамояд, бояд пойгоҳи моддӣ-техникии барои гузаронидани тамоми навъҳои кори лабораторӣ, тайёр кардани фаннӣ, байнифаннӣ, амалӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мусоидро дошта бошад, ки онҳо мутобиқи нақшаи таълимии ва қоидаву меъёрҳои амалкунандаи санитарӣ ва зиддисухтор пешбинӣ шудаанд.

Номгӯи таъминоти моддӣ-техникии барои амалисозии БТ-и тайёрии мутахассисон зарурӣ:

- лабораторияҳои физика ва математика, кимиё, кимиёи биологӣ, биология, физиологияи нормалӣ, микробиология, вирусология, фармакология, анатомияи патологӣ ва физиологияи патологӣ;
- толори анатомӣ, осорхонаи анатомӣ, ҷойи нигоҳдории ҷасадҳо;
- ҳуҷраҳои махсуси таҷҳизонидашуда ва аудиторияи фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, бехдошт, сиҳатии омма ва нигоҳдории тандурустӣ;
- ҳуҷраҳои таҷҳизонидашуда барои қабул ва намоиши беморон;
- ҳуҷраҳои бо таҷҳизотҳои зарурӣ таъминкардашудаи табибон барои машғулият бо бачагон ва наврасоне, ки ба онҳо ёрии профилактикӣ ташхисотӣ, реабилитатсионӣ расонида мешавад ва ё табобат мегиранд (соҳаи терапевтӣ ва ҷарроҳӣ).

7.19. Ҳангоми истифодаи нашрияҳои электронӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд бо назардошти 100 нафар донишҷӯи шуъбаи рӯзона 7 адад компютер ба шабакаи интернет пайваст дошта бошад. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҳолати истифодаи нашрияҳои электронӣ вазифадор аст, ки ҳангоми омодагӣ ба корҳои мустақилона дар синфхонаи компютерӣ вобаста ба ҳаҷми фанҳои омӯхташаванда ҷойҳои нишасти бо шабакаи интернет пайваст дошта бошад.

8. МОНИТОРИНГИ СИФАТИ АЗХУДКУНИИ БАРНОМАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

8.1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки кафолати сифати таълимро тибқи амалҳои зерин таъмин намояд:

- роҳандозии таъмини сифати омодагии хатмкунандагон бо ҷалби кордиҳанда;
- мониторинги даврии татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ;
- арзёбии сатҳи дониши донишҷӯён ва ташаккули салоҳияти касбии хатмкунандагон;
- худбаҳодиҳӣ бо мақсади арзёбии фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва қиёси натиҷаҳо бо дигар муассисаҳои таълимӣ бо ҷалби кордиҳанда.

8.2. Мониторинги сифати азхудкунии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд назорати давомот, дараҷаи азхудкунии талаботи барномаи таълимии фанҳо, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, ниҳоӣ ва аттестатсияи хатмро дар бар гирад.

8.3. Баҳодихии сифати БТ-и тайёрии мутахассисон бояд назорати ҷории давомот, аттестатсияи байнифосилавии донишҷӯён ва аттестатсияи давлатиии ҷамъбастии хатмкунандагонро дар бар гирад.

8.4. Шаклҳои мушаххас ва воситаҳои назорати дониши ҷорӣ ва байнифосилавиро доир ба ҳар як фан муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мустақилона таҳия менамояд ва дар моҳи аввали таҳсил ба маълумоти ҳар як донишҷӯ мерасонад.

8.5. Барои аттестатсияи донишҷӯён мувофиқи дастовардҳои фардии онҳо доир ба талаботҳои даврагии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии тайёрии мутахассисон (назорати давомот ва аттестатсияи байнифосилавӣ) фонди воситаи баҳодиҳӣ ташкил карда мешавад, ки супоришҳои намунавӣ, корҳои санчишӣ, тестҳо ва усулҳои назоратро дар бар мегирад, ки онҳо барои баҳодихии донишу маҳорат ва дарачаи салоҳиятнокии таълимгирандагон имкон медиҳад. Фонди воситаҳои баҳодиҳӣ аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва тасдиқ кардамешавад.

Муассисаи таълимии олии касбӣ бояд барои мутобиқсозии барномаи назорати ҷорӣ ва аттестатсияи байнифосилавии донишҷӯён бо назардошти фаъолияти ояндаи касбии онҳо шароит фароҳам оварад, ки дар ин самт ғайр аз муаллимони фанҳои ҷудогона метавонанд ба сифати коршиносони беруна корфармоён, муаллимон, муаллимони фанҳои омехта ҷалб карда шаванд.

8.6. Ба донишҷӯён бояд имкон дода шавад, ки онҳо мухтаво, тарзи ташкил ва сифати ҷараёни таълимро дар маҷмӯъ, инчунин фаъолияти муаллимони ҷудогонаро баҳогузорӣ намоянд.

8.7. Аттестатсияи хатм оид ба самти тайёрии (ихтисоси) 1-79 01 03 «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа» гузаронидани имтиҳони давлатиро дар бар мегирад. Аттестатсияи хатм аз се давраи имтиҳонӣ (малакаҳои амалӣ, тестӣ ва шифоҳӣ) иборат аст.

8.8. Аттестатсияи хатм аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешавад.

Барои баргузор намудани аттестатсияи хатм аз ихтисосҳои алоҳида вобаста ба шумораи хатмкунандагон як ва ё якчанд комиссияи аттестатсионӣ ташкил карда мешавад.

Аттестатсияи хатм аз фанҳое, ки дар нақшаи таълимии намунавии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда муайян шудаанд, гузаронида мешавад.

Саволномаҳои имтиҳони давлатӣ дар доираи барномаи таълимӣ аз тарафи кафедра тартиб дода шуда, Шӯрои илми-методӣ онҳоро тасдиқ мекунад.

Ҷадвали баргузории комиссияи аттестатсионӣ ду ҳафта қабл аз оғози аттестатсияи хатм бо пешниҳоди декани факултет аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фармоиш тасдиқ карда мешавад.

Барномаи имтиҳони давлатӣ ва воситаҳои баҳодиҳӣ аз тарафи донишгоҳ мустақилона таҳия карда мешавад.

8.9. Ба аттестатсияи хатм донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки талаботи нақша ва барномаҳои таълимиро пурра иҷро намудаанд. Рӯйхати чунин хатмкунандагон аз тарафи декани факултет омода шуда, ду ҳафта пеш аз оғози аттестатсияи хатм бо

фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

8.10. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд ба донишҷӯён имкони арзёбии ташкили раванди таълим ва сифати таҳсилот, ҳамчунин баҳодиҳӣ ба фаъолияти омӯзгоронро фароҳам орад.

Гурӯҳи корӣ

Одиназода Бозоралӣ – муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳбари гурӯҳ);

Ёрмуҳаммадзода Шермуҳаммад - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини роҳбари гурӯҳ);

Ҳайдаров Фахриддин – сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Зиёев Ҳуршед - сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Раҳматуллоев Фарҳод – мудири шуъбаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Каҷкулоева Тоҷиниссо-сармутахассиси шуъбаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Ҳабибов Насрулло- мутахассиси пешбари шуъбаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Солиҳов Дилшод – муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, аъзо.

Ба чоп 28-03-2018 имзо шуд. Андозаи 60Х84 1/16.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 6. Адади нашр 50

Мачмӯа дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг» ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ - 21